
9 сентябр

# Ҷашни Истиқлол муборак!

# ТОҶИКИСТОН

№36 (1649), 3.09.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якбост! Оғози нашр соли 1992



# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ЧИН

## Аз муборизаи муштарак бо терроризм то дастгирии «Роғун»



ДАР ИН ШУМОРА:

**ХИЗАТИ ҲАРБӢ**
Фармони даъвати тирамоҳӣ имзо шуд
с.3

**НИГАРОНӢ**
Чаро ҷиноятҳо саривақт ошкор намешаванд?
с.11

**ҶАҲОН**
Туркия робита бо Исроилро қатъ кард
с.4

**КИШОВАРЗӢ**
Дар Яғноб чӣ меруяд?
с.5

**АМИР ОЛИМХОН**
37 фарзанд ва миллионҳо дар бонк
с.9

**ОҒОЗИ ҶУДОӢ**
Қаҳҳор Маҳкамов ва Пётр Лучинский
с.6

**ҲАМСАБАҚИ ПРЕЗИДЕНТ**
Дидор баъди 56 сол
с.7

**ВАРЗИШ**
Шикаст ва пирӯзии дастаи Тоҷикистон
с.15



**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШӮЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.




# ПРЕЗИДЕНТ ДАР ЧИН

**АЗ 31-УМИ АВГУСТ ТО 3-ЮМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ РАВОН ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҶИҲАТИ ИШТИРОК ДАР ҲАМОИШҲОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА МУЛОҚОТ БО САРОНИ ЯК ҚАТОР ДАВЛАТҲО ДАР ЧИН ҚАРОР ДОШТ. САРВАРИ ДАВЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВОХӮРИИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ВА ДИГАР ЧОРАБИНИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ИШТИРОК КАРДА, ЯК ҚАТОР МУЛОҚОТҲОИ ДУҶОНИБА АНҶОМ ДОД.**



## ИСТИҚБОЛИ РАСМӢ

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар Маркази байналмилалии «Мэйдсян» истиқбол гирифт. Сипас, аксгирии якҷояи роҳбарони ҳайатҳо баргузор гардида, меҳмонон ба тамошои консерт бахшида ба ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай даъват шуданд.

## РОҲҲОИ ҲАЛЛИ БУҲРОН

1-уми сентябр Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Тянҷини Чин дар ҷаласаи навбатии Созмони ҳамкории Шанхай иштирок ва суханронӣ намуд.

Сарвари давлат ба Роҳбари кишвари мизбон Си Ҷинпин барои баргузории ҷаласаи сатҳи баланд ва меҳмоннавозии самимӣ изҳори сипос намуд. Зимнан, нақши Созмони ҳамкории Шанхайро дар таҳкими ҳамкории давлатҳои аъзо назаррас арзёбӣ кард.

Президенти мамлакат афзалияти густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла нақлиёт, энергетика, саноат, кишоварзӣ, инноватсия ва рақамисозиро таъкид намуда, имкониятҳои васеи Тоҷикистонро барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои гидроэнергетика, коркарди маъданҳо, агросаноат ва сайёҳӣ муаррифӣ кард.

Дар масъалаи амниятӣ зарурати муборизаи муштарак бо терроризм, экстремизм, сепаратизм, таҳдидҳои киберӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таъкид гардид. Президенти кишвар истиқбол намуд, ки қарор аст дар шаҳри Душанбе Маркази зиддимухаддиротии Созмони ҳамкории Шанхай таъсис ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон мавқеи устувори Тоҷикистонро дар ҳалли низоъҳои байналмилалӣ бо роҳи мусолиҳатомез таъйид намуда, гуфт: «Музокирот ва муколама роҳи ягонаи ҳалли ҳамаи буҳронҳо ва низоъҳо мебошанд».

Ҳамчунин, Сарвари давлат ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон, аз ҷумла дар масъалаҳои об, ҳифзи пиряхҳо ва қабули қатъномаи нави Маҷмаи Умумии СММ оид ба эълони "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" ишора кард.

Дар ҷаласа истиқболи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Лаос ба ҳайси понздаҳумин шарики муколамаи СҲШ баён гардид. Дар анҷоми нишаст 15 санади нави ҳамкорӣ, аз ҷумла Созишнома оид ба таъсиси Маркази зиддимухаддиротии СҲШ дар Душанбе ба имзо расид.

## ГУСТАРИШИ ҲАМКОРӢ

Дар доираи сафар ба Чин ва ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони Эрон, Русия, Ҳиндустон, Покистон ва Чин мулоқотҳои сатҳи олиро анҷом дод. Ҷонибҳо мавзуҳои муҳими ҳамкорӣ дар иқтисод, энергетика, нақлиёт, амният ва фарҳангро баррасӣ карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 8)**

САРМОЯГУЗОРӢ

# АВВАЛИН МИНТАҚАИ САНОАТИИ РУСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Соли 2026 дар Тоҷикистон сохтмони аввалин минтақаи саноатии Русия оғоз хоҳад ёфт. Дар ин бора хабаргузории ТАСС бо истинод ба Дмитрий Кусков, директори департаменти ҳамкории байналмилалии Вазорати саноат ва савдои Русия хабар медиҳад.**



Ба гуфтаи Кусков, аллакай дар ҳамон сол минтақаи саноатӣ метавонад аввалин резиденти худ, яъне як корхона ё ширкатро қабул намояд. Ӯ таъкид кард, ки ҷониби Русия омода аст пеш аз оғози сохтмон ширкатҳоро ҷалб намояд.

"Мо аллакай аз ҳозир ба кор бо ширкатҳо омода буда, онҳоро даъват мекунем, то ки барои онҳо зерсохтор бунёд кунем",- зикр кард Кусков.

Сохтмони минтақаи саноатӣ дар Тоҷикистон дар моҳи марти соли 2023 зимни сафари Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маскав мувофиқа шуда буд. Дар асоси созишномаи байниҳукуматӣ, дар ин минтақа ҷойгиркунии корхонаҳои соҳаҳои саноати кимиё, мошинсозӣ ва саноати сабук пешбинӣ шудааст.

Идеяи таъсиси чунин минтақа бори аввал дар моҳи апрели соли 2023, ҳангоми сафари ҳайати ҳукумати Русия таҳти сарварии муовини сарвазир матраҳ шуда буд. Вазири саноати Русия Денис Мантуров аз ин ташаббус ҷонибдорӣ намуда, ширкати "Химград" омодагии худро барои амалисозии лоиҳа изҳор дошта буд.

Маврид ба зикр аст, ки 29-уми июли соли ҷорӣ дар Душанбе амалисозии лоиҳаи "Парки индустриалии Русия ва Тоҷикистон" расман оғоз шуд. Барои сохтмон қаламрави собиқ корхонаи "Коргоҳи мошинсозӣ" бо масоҳати 9,3 гектар интихоб гардидааст.

Дар пойгоҳи нави индустриалӣ рушди бахшҳои саноати сабук, мошинсозӣ, дастгоҳсозӣ, истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ ва электротехникӣ, инчунин, соҳаи кимиё ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, дастрасӣ ба шабакаҳои нақлиётӣ, мавҷудияти зерсохтори мутамарказ ва захираҳои корӣ ҳамчун бартариҳои ин минтақа зикр мешаванд.

Моҳи майи соли 2024 дар форуми "Русия - Ҷаҳони ислом: KazanForum" намояндаи савдои Русия дар Тоҷикистон Евгений Коренко тасдиқ намуд, ки барои парк аллакай майдон дар маркази Душанбе интихоб шудааст. Қаламрави корхонаҳои замони собиқ шуравӣ низ мавриди омӯзиш қарор доштанд, ки биноҳои истеҳсолӣ ва зерсохтори барои навсозӣ доштаанд.

Ҳоло дар Тоҷикистон якчанд минтақаҳои саноатӣ, аз ҷумла дар Душанбе ва Хуҷанд, инчунин, панҷ минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият доранд. Лоиҳаи нави муштарак бояд ба ин низом илова гардад ва замина барои тавсеаи ҳамкориҳои саноатии Тоҷикистону Русия фароҳам орад.




## САРИ САБЗ



**Суҳроб ШЕХОВ, собиқ саркоргардони Театри Камоли Хуҷандӣ**

**- Давоми як соли кор дар Русия соҳиби хона ҳам шудам, мошин ҳам харидам. Орзуе, ки 14 соли кор дар театр доштам, амалӣ гашт... 14 сол бо тамоми ҳастӣ кор кардам, бо 3 фарзанд иҷоранишин будам. Борҳо гуфтам, ки як хонаи хидматӣ диҳанд, вале ваъда доданду тамом.**

*- Ваъда дода будаанд ку, ҳамааш хуб мешуд! Хайр ҳеҷ гап не, мошину хонаи дар Русия гирифтаатонро фурӯшеду омада хона харидорӣ намоед ва коргардониятонро дар театр идома диҳед.*



**Нодирабегим УСАРЗОДА, сароянда машҳури тоҷик**

**- Ният дорам албомҳои навро пешкаши мухлисон созам ва аз наздик бо якояшон шинос шавам. Мухлис ба сароянда неру ва барои боз ҳам эҷоди таронаҳои нав таҳрик мебахшад. Ваъда медиҳам, ки бо имкон ёфтан шоу-консерти худро пешниҳоди мухлисон месозам.**

*- Вале пешакӣ бояд донед, ки агар нархи билети шоу-консерти дар назар доштаатон гарон бошад, бо якояки мухлисон аз наздик шинос шуданатон дар гумон аст.*



**Муҳаммад ХОЛОВ, соҳибкори ҷавони тоҷик**

**- Дар шароити имрӯз соҳибкорон дигар набояд аз камбуди фурӯш нигарон бошанд. Зеро шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд, ки ҳар як соҳибкор метавонад онҳоро ба кор бурда, теъдоди муштариёни худро афзоиш диҳад.**

*- Дуруст, вале холисонаву мунсифона, бо дарки воқеиятҳои имрӯза дар бораи хатарҳои эҳтимолии шабакаҳои иҷтимоӣ ба соҳибкорон маълумоту маслиҳат медодед, хуб мешуд.*

# ДАЪВАТИ ТИРАМОҲӢ ОҒОЗ МЕШАВАД

**30-юми август Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон фармони даъвати тирамоҳӣ ба хидмати ҳарбиро имзо кард. Маъракаи даъвати ҳарбӣ аз 1-уми октябр оғоз гардида, то 30-юми ноябр давом мекунад.**

Бар асоси фармон, ҷавонони аз 18 то 27-сола (солҳои таваллуди 1998-2007) дар ин мавсим ба сафи Қуввахои мусаллаҳи кишвар ҷалб мешаванд.

Муҳлати хидмати ҳарбӣ барои шаҳрвандоне, ки маълумоти олӣ надоранд, 24 моҳ ва шахсони дорои маълумоти олӣ 12 моҳро ташкил медиҳад.

# ММТ. ДАВРИ СЕЮМИ БАҚАЙДГИРӢ ОҒОЗ ШУД

**Бақайдгирии довталабон барои ширкат дар даври сеюми имтиҳонҳои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар оғоз шуд. Дар ин бора Маркази миллии тестӣ хабар медиҳад.**

Дар ин давр, ки аз 2-юми сентябр шуруъ шуд ва то 13-уми сентябр давом меёбад, нафарони зерин сабтином карда метавонанд:

- шахсоне, ки дар даврҳои якум ва дуюми бақайдгирӣ худро номнавис накардаанд;

- довталабони дар даврҳои якум ва дуюми бақайдгирӣ номнависшудае, ки дар имтиҳонҳо (даврҳои якум ва дуюм) иштирок накардаанд;

- довталабони дар даврҳои якум ва дуюми имтиҳонҳо иштироккардае, ки ба озмуни тақсимот роҳ наёфтаанд;

- довталабони дар асоси яке аз озмунҳо - тақсимоти асосӣ, такрорӣ ва такрории иловагӣ комёбшудае, ки барои қабул дар муассисаҳои таълимии дахлдор ҳозир нашудаанд.

Дар даври сеюм довталабон дар 11 нуқтаи бақайдгирӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Хуҷанд, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Исмоили Сомонӣ, Сино, Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Данғара ва Рашт худро номнавис карда метавонанд.

Имтиҳонҳои даври сеюм рӯзи 21-уми сентябр доир шуда, натиҷаҳои он рӯзи 29-уми ҳамин моҳ маълум мешаванд.

## Афви беш аз 500 маҳбус




**Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон бахшида ба 34-солагии истиқлоли кишвараш фармони афв содир кард, ки тибқи он 523 маҳбусе, ки "аз кирдори худ самимона пушаймон шуда, ба роҳи ислоҳ қадам гузоштаанд", бахшида шуданд.**

Ба иттилои хадамоти матбуоти президенти ин кишвар, аз теъдоди умумии афвшудагон 195 кас пурра аз адои ҷазои асосӣ озод, 147 тан шартан пеш аз муҳлат аз зиндон озод, 87 кас ҷазои ҷазояшон сабуктар ва 94 тан муҳлати ҷазояшон кам карда шуд. Дар байни афвшудагон 8 шаҳрвандони хориҷӣ - 45 зан, 31 марди аз 60-сола боло, 220 чавони то 30-сола, ки аз ҷумлаи онҳо як нафар ноболиғ низ ҳаст, 15 шахсе ҳастанд, ки дар фаъолияти ташкилоти мамнуъ иштирок карда буданд.

KUN.UZ

## Трамп: Аз Путин ноумед шудам



**Раисҷумҳури Амрико мегӯяд, ки аз Владимир Путин, ҳамтои руси худ "бисёр ноумед" шудааст. Ин нуктаро ӯ рӯзи 2-юми сентябр дар як мусоҳибаи радиоӣ гуфтааст: "Ман аз президент Путин бисёр ноумед шудам, мо робитаҳои олӣ доштем ва коре барои кумак ба зиндагии мардум анҷом хоҳем дод".**

Раисҷумҳури Амрико ахиран барои даст ёфтан ба созиши сулҳ дар ҷанги Украина зарбулаҷали дуҳафтаина таъйин кард, ки охири ин ҳафта ба поён мерасад. Трамп ба Владимир Зеленский гуфтааст, ки Вашингтон дар ҳар созише замонатҳои амнияти Украинаро дар назар хоҳад гирифт ва дар ин амр кумак хоҳад кард. Ӯ ҳамчунин таҳдид кардааст, ки дар сурати даст наёфтан ба як роҳи ҳалли сулҳомез дар ҷанги Украина, таҳримҳои бештаре алайҳи Русия ҷорӣ хоҳад кард.

AP

## ТУРКИЯ РОБИТА БО ИСРОИЛРО ҚАТЪ КАРД

**Ҳоқон Фидон рӯзи 29-уми август дар як нишасти фавқулодаи парлумони Туркия гуфт, ки "мо робитаҳои тиҷории худро бо Исроил ба таври комил қатъ кардем. Иҷоза намедиҳем, ки киштиҳои Туркия ба бандарҳои Исроил бираванд ва иҷозаи вуруди ҳавопаймоҳои исроилӣ ба ҳарими ҳавоии худро намедиҳем".**



Исроил ҳанӯз ба ин тасмими Туркия вокунише нишон надодааст.

Туркия дар моҳи майи соли гузашта робитаҳои мустақими тиҷорӣ бо Исроилро қатъ карда буд ва хостори оташбаси доимӣ ва вуруди фаврии кумакҳои башардӯстона дар Ғазза шуд.

Ҳаҷми тиҷорат миёни ду кишвар дар соли 2023 ба ҳафт миллиард доллар расида буд.

Расонаҳои Туркия ҳафтаи гузашта гузориш доданд, ки манъи рафтуомади баҳрӣ миёни ду кишвар ба ҳолати ичро даромадааст, ҳарчанд баёнияи расмие дар ин бора нашр нашудааст.

Тибқи ин гузоришҳо, киштиҳои исроилӣ аз таваққуф дар бандарҳои Туркия манъ шудаанд ва киштиҳои таҳти парчами Туркия низ иҷозаи вуруд ба бандарҳои исроилиро надоранд.

Ҳоқон Фидон дар суханронии худ Исроилро ба иртикоби "ҷиноят" дар Ғазза муттаҳам кард ва онро "яке азториктарин фаслҳои таърихи башарият" хонд.

Ӯ гуфт, ки "Исроил давоми ду соли гузашта дар Ғазза муртакиби наслкушӣ шуда, арзишҳои асосии инсониро дар баробари чашми ҷаҳониён нодида гирифтааст".

Анқара яке аз мунтақидони ҷиддии ҳамлаҳои Исроил ба Ғазза аст. Раҷаб Таййиб Эрдуғон, раисҷумҳури Туркия борҳо амалкарди Исроилро "наслкушӣ" хонда ва Бенямин Нетаняҳу, нахуствазири Исроилро бо Гитлер муқоиса кардааст.

Мақомоти Анқара ҳамчунин дар тирамоҳи гузашта ба ҳавопаймои раисҷумҳури Исроил иҷозаи вуруд ба ҳарими ҳавоии Туркияро барои сафар ба Конфронси СММ оид ба тағйири иқлим, ки дар Ҷумҳурии Озарбойҷон баргузор шуд, надоданд.

## ТОЛИБОН ГУФТАНИ ШЕЪРИ ОШИҚОНАРО МАНЪ КАРДАНД



**Ҳукумати Толибон қонуни наве қабул кард, ки тибқи он сурудани шеърҳои ошиқона ва шеър гуфтан дар бораи духтарон ва писарон манъ шудааст.**

Ин қонун зери номи "Танзими мушоира" дар ҷаридаи расмии ҳукумати Толибон низ нашр шудааст. Дар бахше аз ин қонун омадааст, ки "шеър бояд холӣ аз ишқи маҷозӣ, хоҳишҳои нораво ва эҳсосоти бечо бошад". Ҳамчунон ин қонун ҳукм мекунад, ки шоирон дар васфи демократия, коммунизм, феминизм, илҳод ва ғайра шеър насароянд. Қонуни нав ба Вазорати иттилоот ва фарҳанги Толибон салоҳият додааст, то "қонуншиканҳоро мутобиқи аҳкоми шариат" ҷазо диҳад.

## КУШТА ШУДАНИ ДУ ШАҲРВАНДИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР МАРЗ

**Мақомоти Қирғизистон мегӯянд, ки марзбононии ӯзбек ду шаҳрванди он кишварро дар яке аз гӯшаҳои марзи байни ду кишвар куштаанд.**



Дафтари матбуоти Кумитаи амнияти миллии Қирғизистон рӯзи 1-уми сентябр бо нашри ин хабар гуфт, ки сарҳадбононии Ӯзбекистон ҷасади кушташудагонро рӯзи 1-уми сентябр аз тариқи гузаргоҳи "Баймақ" ба мақомоти Қирғизистон супурдаанд ва ҳардуро барои ташхиси тиббӣ ба яке аз сардхонаҳои шаҳри Кербен бурдаанд.

Сарҳадбононии Ӯзбекистон ҳангоми мулоқот ба ҳамтоёни қирғизи худ гуфтаанд, ки ин ду нафар рӯзи 15-уми август ҳангоми убури ғайриқонунӣ аз як қисмати марз, ки Қирғизистону Ӯзбекистон ва Қазоқистонро ба ҳам мепайвандад, ба фармони марзбононии ӯзбек итоат накардаанд ва ба ҳамин сабаб онҳо маҷбур шудаанд, ки ба самти фирориён тир андозанд. Дар натиҷа, ба гуфтаи марзбононии Ӯзбекистон, ҳарду кушта шудаанд.

Кумитаи амнияти миллии Қирғизистон мегӯяд, ки хешовандони афроди кушташуда баъди бедарак шудани онҳо ба мақомот мурочиат кардаанд ва сарнавишти онҳо баъди мулоқот бо марзбононии ӯзбек рӯшан шудааст. Маълум нест, ки шаҳрвандони Қирғизистон дар он гӯшаи марз чӣ кор мекардаанд, вале ба гуфтаи Кумитаи амнияти миллии кишвар марзбононии ӯзбек гуфтаанд, ки омодаанд се асп ва хаймаи кушташудагонро ба хешовандонашон баргардонанд.

Мақомоти амниятии Қирғизистон гуфтаанд, ки баъди таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳодиса ҷомеаро аз натиҷаи он огоҳ мекунанд. Дар чанд соли охир чунин ҳодисаҳо дар марзи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки робитаҳояшонро беҳтар кардаанд, ба мушоҳида нарасида буд.

## ЁРИИ ЯК ТОҶИР БА ЗИЛЗИЛАЗАДАГОН 5 БАРОБАР БЕШТАР АЗ ҲУКУМАТИ ТОЛИБОН



**Мирвайс Азизӣ - тоҷири миллиардери афғони муқими Дубай барои зилзилазадагони Афғонистон 500 миллион афғонӣ (наздик ба 7 миллиону 200 ҳазор доллар) ба унвони ёрӣ ихтисос додааст. Ин маблағ 5 баробар бештар аз маблағи ёриест, ки худи ҳукумати Толибон барои зилзилазадгони Афғонистон ҷудо кардаанд. Ёрии Толибон ҳамагӣ 100 миллион афғонӣ аст.**

Ҳукумати Толибон рӯзи сешанбе теъдоди қурбониёни ин заминларзаро 1411 тан эълон кард. Зилзила шаби 31-уми август дар се вилояти шарқии Афғонистон - Нангарҳор, Лағмон ва Кунар рух дод. Созмонҳои имдодрасони байналмилалӣ мегӯянд, ки мардуми зилзилазада ба ёриҳои фаврӣ сахт ниёз доранд. Ҳукумати Толибон низ аз ниҳодҳои байналмилалӣ ва мардуми сарватманд хостааст, ки ба зилзилазадаҳо ёрӣ расонанд.

## КИШОВАРЗӢ

**Тағйирёбии иқлим олимонро водор месозад, ки минбаъд ба минтақаҳои кӯҳии кишвар бештар рӯ оварда, дар он ҷо таҷрибаҳои илмиро гузаронида, дар мутобиқсозии соҳаи кишоварзӣ ба ин раванди номатлуб мусоидат намоянд. Аз ин лиҳоз олимони Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИБФГР АМИТ) имсол тасмим гирифтанд, ки таҷрибаҳои илмӣ доир ба омӯзиши хусусиятҳои сабзишу ҳосилнокии чанде аз зироатҳои кишоварзиро дар кӯҳистони Яғноб, дар баландии бештар аз 2300 метр аз сатҳи баҳр ба роҳ монанд.**



# ДАР ЯҒНОБ ЧӢ МЕРӮЯД?

Дар фасли баҳор, дар нимаи дуюми моҳи майи соли ҷорӣ мо ба деҳаи хушманзараи Хишортоби водии Яғноб, ки дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Анзоби ноҳияи Айнӣ ҷойгир аст, тухмиҳои картошка, ҷуворимакка, офтобпараст, гандум, нахӯд, каду, сулӣ, помидор, бодиринг ва ғайраҳоро оварда, дар замини хоҷагии деҳқонии Некмаҳмад Сафаров кишт намудем. Ба қитъаи замини таҷрибавӣ дар вақти кишт нуриҳои маъданӣ ва органикиро ворид намудем. Гузаронидани кишти тухмиҳо аз рӯи нақшаи зарурӣ ба роҳ монда шуд. Дар давраи нашъу намои зироатҳои киштгашта, нарм намудани байни қаторҳо, обмонӣ, дур сохтани алфҳои бегона ва дигар чорабиниҳои агротехнологӣ, инчунин мушоҳидаҳои морфологӣ ва баҳодиҳии сабзиши ниҳолҳо дар давраҳои муайяни рушди ниҳолҳо сари вақт гузаронида шуданд.

Чи тавре, ки таҷрибаҳо нишон доданд, дар шароити боду ҳавои мусоиди водии Яғноб ҳамаи зироатҳои киштгашта хело нағз нашъунамо намуда, ҳосили дилхоҳро расониданд.

Бояд қайд намуд, ки боду ҳавои мусаффои кӯҳистони ин водии биҳштосо, обҳои нукрагини чашмаҳои кӯҳӣ, хокҳои серҳосил ва набудани ҳаргуна касаливу ҳашаротҳои заррасон барои ба даст овардани ҳосили тухмии хушсифати зироатҳо, меваҳои болаззати помидору бодирингу каду ва лӯндаҳои хушсифати картошка хуб мусоидат менамоянд. Мо имсол дар ин минтақа бештар аз 20 намунаҳои гуногуни картошкаро, ки олимони Федратсияи Русия, Тоҷикистон ва Ҳолланд ба даст оварда буданд, кишт карда будем. Дар қитъаи таҷрибавӣ мо дар охири моҳи август ҳосилнокии намунаҳои гуногуни картошкаро муайян намудем. Бояд қайд намуд, ки қариб ҳамаи намунаҳои картошка дар ин минтақаи кӯҳӣ ҳосили дилхоҳро расониданд. Махсусан, навъҳои нави картошка, ки дар шароити Тоҷикистон ба даст оварда шуда буданд, ба монанди «Тоҷикистон», «Файзи Истиқлол», «Мастчоҳ», «Академияи миллӣ-1», «Файзобод», «Рашт» ва «Нилуфар» ба ҳисоби миёна ба даст овардани ҳосилнокии 300-400 с/га-ро таъмин намуданд. Аз навъҳои картошкаи олимони Русия ба даст овардашуда, ки мо онҳоро дар қитъаи таҷрибавӣ кишт намуда будем, ба монанди “Садон”, “Ариел” ва “Фаско” низ ҳосили 280-390 с/га-ро ба даст овардем. Бояд қайд намуд, ки ҳосили навъҳои селексияи олимони Русия дар шароити водии Яғноб нисбат ба дигар навъҳои картошка тақрибан 10-12 рӯз пештар пухта расид. Мо тасмим гирифтем, ки дар оянда тавассути дурагакунии навъҳои селексияи тоҷик ва русӣ метавон намунаҳои серҳосил ва тезпази картошкаро ба даст оварад.

Навъҳои картошкаи селексияи кишвари Ҳолланд - «Пикассо» ва «Алладин» ҳам нисбатан тезпаз буданд ва ба даст овардани ҳосили то 280-370 с/га-ро таъмин намуданд.

Чизи дигаре, ки барои корҳои селексионӣ хело зарур аст, ин хело бисёр гул кардани намунаҳои картошка ва аз гулҳо ҳосил гаштани ғуррааҳои картошка мебошад.

Мушоҳидаҳои мо собит сохтанд, ки нишонаи генетикии навъҳои картошка - ҳосилшавии ғуррааҳо дар водии Яғноб, ки ҳавояш хело салқин аст, нисбат ба дигар минтақаҳои кӯҳии кишвар хело зиёд аст ва дар оянда барои ривоҷи корҳои генетикию селексионӣ дар ин водӣ шароити табиӣ хело мутобиқ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳамаи зироатҳои киштнамудаи мо дар водии Яғноб вобаста ба ташаккулёбии ҳосилнокиашон натиҷаҳои мусбат доданд ва дар оянда нақша дорем, ки ин корҳои илмиро дар водии зархези Яғноб боз ҳам васеътар ба роҳ монем.

**Қурбоналӣ ПАРТОЕВ,**
**доктори илмҳои кишоварзӣ,**
**Мавлон ҚУРБОНОВ,**
**номзади илмҳои кишоварзӣ,**
**Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

## САНОАТ

# $10,1 МИЛЛИОН АЗ ФУРӮШИ АНГИШТИ ТОҶИК БА ХОРИҶА

**Давоми 8 моҳи соли равон дар Тоҷикистон беш аз 1,5 миллион тонна ангишт истихроҷ гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55 ҳазор тонна зиёд мебошад.**

Ба иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, аз ҷониби 16 корхона дар 13 кон ангишт истихроҷ карда шудааст. Аз ҳаҷми умумии истихроҷ 678,5 ҳазор тонна (45%) аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ ва 868,7 ҳазор тонна (55%) аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ истеҳсол шудааст.

Ҳамчунин, 618 ҳазор тонна (39%) бо тарзи кушод ва 929,3 ҳазор тонна (61%) бо тарзи зеризаминӣ истихроҷ гардидааст.

Дар ҳамин давра фурӯши ангишт бо назардошти бақияи соли гузашта беш аз 1,3 миллион тоннаро ташкил дод. Аз ин ҳаҷм 599,7 ҳазор тонна ба Маркази барқу гармидиҳӣ-2-и шаҳри Душанбе расонида шудааст. Ҳамчунин, 307,8 ҳазор тонна ангишт ба хориҷ содирот шуда, нисбат



ба соли гузашта 248,6 ҳазор тонна зиёд ва арзиши он 10,1 миллион доллар мебошад.

## МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ



# ҚОИДАҲОИ ГИРИФТАНИ ҚАРЗ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

**Имрӯз қарз гирифтан як амали маъмулӣ дар зиндагӣ шудааст. Мардум барои харидани хона, мошин, таъмири манзил, таҳсили фарзандон ва ҳатто харочоти рӯзмарра қарз мегиранд. Қарз метавонад ба мо кумак кунад. Аммо агар дуруст истифода накунем, мушкилоти зиёдро ба бор меорад. Бинобар ин, донистани қоидаҳои гирифтани қарз ва оқибатҳои он хеле муҳим аст.**

### ҚАРЗ ЧИСТ?

Қарз маблағест, ки мо аз бонк ё шахси дигар мегирем ва уҳдадор мешавем, ки онро дар вақти муайян баргардонем. Агар бонк бошад, қарзро бо фоизаш мегирад. Рафиқ ё шахси наздик бошад, қарз бо подош ё туҳфаи хотирмон баргардонида шавад, беҳтар аст. Ин эҳтиром ва муносибати хуби инсониро нишон медиҳад, то оянда боз дар вақти зарурат рафиқатон ҳангоми пурсиши қарз не нагӯяд.

### ЧӢ ГУНА ҚАРЗРО ДУРУСТ ГИРЕМ?

Аввал аниқ кунед, ки чаро қарз лозим аст. Агар он барои чизе бошад, ки оянда фоида меорад, масалан хона, таҳсил, тиҷорат, қарз асоснок аст. Аммо агар танҳо барои харочоти муваққатӣ бошад, беҳтар аст, ки хуб фикр кунед.

Даромад ва харочоти худро ҳисоб кунед. Пеш аз қарз гирифтан фаҳмед, ки моҳе чанд сомонӣ даромад доред ва оё метавонед қисман барои пардохти қарз ҷудо намоед.

Шартҳои қарзро бодиққат хонед. Фоиз, ҷарима барои таъхир ва муҳлати баргардонидани он муҳиманд.

Қарзи зиёд нагиред. Мутахассисон мегӯянд, ки қарзи моҳона набояд зиёда аз 30 %-и даромади умумии оиларо ташкил диҳад. Пулро танҳо барои мақсади муайян сарф кунед. Агар барои таъмири хона қарз гирифтаед, онро ба хариди ашёҳои нолозим сарф накунед.

### АГАР ҚАРЗ МАҚСАДНОК ИСТИФОДА НАШАВАД...

Агар қарзи бонкро мақсаднок, дуруст истифода набаред, фоиз ва ҷаримаҳо зиёд мешаванд. Як қарзи хурд метавонад ба маблағи калон табдил ёбад. Агар саривақт пардохт накунед, оянда дигар бонкҳо ба шумо қарз намедиҳанд. Яъне, шумо дар рӯйхати ба иборае “сиёҳ” ворид мешавед. Ин маънои онро дорад, ки бонкҳо аз шумо хуҷҷатҳои зиёд талаб мекунанд ё аз додани қарз худдорӣ менамояд. Чунки дар бонкҳо низоми ягона мавҷуд аст ва маълумоти зарурии мизоҷ, аз ҷумла таърихи қарз дастрас аст.

Баъдан, фишори равонӣ зиёд мегардад. Шахс метавонад зери қарз оромии равонӣ ва муносибатҳои оилавиро аз даст диҳад. Амвол аз даст меравад. Агар қарз гарав дошта бошад, мисол, хона ё мошин, бонк метавонад онро аз шумо гирад.

### МАСЛИҲАТҲОИ ОДДӢ, АММО МУФИД

Пеш аз гирифтани қарз кӯшиш намоед, ки пул ҷамъ кунед.

Танҳо миқдоре қарз гиред, ки баргардониданаш имконпазир аст.

Ҳар моҳ маблағи қарзро аввал аз ҳама ҷудо кунед, то таъхир нашавад.

Агар мушкил пеш омад, бо корманди бонк саривақт тамос гиред. Бисёр вақт мумкин шартҳои қарзро тағйир диҳанд.

Қарз метавонад ҳам дӯст бошаду ҳам душман. Агар мо онро бо ақл ва нақша истифода барем, метавонад барои амалишавии орзуҳои мо кумак кунад. Аммо агар беандеша қарз гирем, оқибат метавонад бисёр вазнин шавад.

Ҳар вақт, пеш аз қарз гирифтан ин саволро ба худ диҳед: Оё метавонам онро саривақт баргардонам? Агар ҷавоб "ҳа" бошад, пас қарз гирифтан мумкин аст. Агар "не" бошад, беҳтар аст, ки аз он даст кашед. Беҳуда нагуфтаанд, ки “кӯрпаро нигоҳ куну пойро дароз”.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

## ҚАҲҲОР МАҲКАМОВ ДАР САҲНАИ СИЁСАТ

Соли 1985. Паёми бозсозӣ бо таҳаввулоте, ки дар Тоҷикистон сурат гирифт, даромехт. Бо дастгирии Маскав ва тавтиаи як қатор қудратхоҳон дар Душанбе Раҳмон Набиев аз мансаби Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон барканор гашт. Кишвар ниёз ба шахсияте дошт, ки дар ин гирдоби сиёсӣ тавонад онро наҷот диҳад. Аз миёни якчанд номзад Қаҳҳор Маҳкамов – сиёсатмадори шинохта, Раиси Шӯрои Вазирон ба ҳайси котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон пазируфта шуд.


Қаҳҳор Маҳкамов - марди ботинан ором, суханонаш муратталб ва соҳиби зеҳни муҳандисӣ вориди саҳнаи сиёсат шуд. Ӯ боандеша гап мезад, суханашро баркашида мегуфт. Дар расонаҳо ва ҷаласаҳо мардум аз забони раҳбари аввали худ суханони тоза мешуниданд: "Ислоҳот бояд аз худи мо шуруъ шавад", "Коргар бояд розӣ бошад, вале на бо шиор".

Интихоби Қаҳҳор Маҳкамов оғози як марҳилаи нав буд. Давлатдории тоҷикон, ки солҳои зиёд зери тобеияти идеологияи умумииттифоқӣ қарор дошт, акнун кӯшиши як навъ «фахмиши миллӣ»-ро ба бор овардан мекард. Албатта, эҳтиёткорона, бо нигоҳ ба Маскав.

Қаҳҳор Маҳкамов аз рӯзҳои аввал кӯшид, ки нисбати таҳаввулот дар марказ муносибати воқеъбинона дошта бошад. Ӯ на ҷанги сиёсӣ кард, на шӯру валвала барангехт, балки роҳи ислоҳоти сабуронаро пеш гирифт. Ва маҳз ҳамин хислат ӯро дар назарҳо шахсияти боэътимод ва муассир намуд.

## ОҒОЗИ "НАВ"

Соли 1986. Душанбе. Баъд аз тағйироти пайдарпайи кадрӣ дар Москва ва дар мақоми котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кардани Қаҳҳор Маҳкамов, паси дарҳои баста як қарори дигар гирифта шуд: Маскав ба Душанбе шахси боэътимоди Кремл Пётр Кириллович Лучинскийро ба сифати котиби 2-юми КМ ҲК Тоҷикистон фиристод. Ӯ на тоҷик буд, на аз минтақаҳои наздик ба Осиёи Марказӣ, балки як кадри тарбиятёфтаи низоми ҳизбии Молдавия буд. Пеш аз ин ӯ дар Комитети марказии Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ ҷонишини мудири шуъба буд. Кремл ба ӯ бовар дошт. Ба вижа Михаил Горбачёв, ки дар суҳбати пеш аз сафар ба ӯ гуфта буд: "Пётр Кириллович, туро ба ҷануб, ба Тоҷикистон сафарбар мекунем. Осиёи Марказӣ минтақаи калидӣ барои мост, дар он ҷо бояд низоми ҳизбӣ мустаҳкам бошад, ҳарчанд замона дигар шуда бошад ҳам. Ту мефаҳмӣ, ки мардум чӣ мехоҳанд ва медонӣ, ки Маскав чӣ мехоҳад".



*Қаҳҳор Маҳкамов*

Дар фурудгоҳи Душанбе ӯро соҳибмақомони баландпоя пешвоз гирифтанд. Миёни онҳо вазири амният Петкел Владимир Викторович, Прокурори генералӣ Герман Михалёв низ буданд. Ин ду бо Пётр Кириллович баъдтар сегонаеро ташкил медиҳанд, ки сарнавишти кадрҳо ва ҷумҳуриро ҳал мекарданд.

Дар Душанбе Пётр Кириллович ро ҳамчун "Кремли нав" мешинохтанд. Вале аллакай дар ҳафтаҳои аввали кораш нишон дод, ки дар тасмимгириаш қотеъ аст ва ҳеҷ монеае ӯро аз роҳаш боздошта наметавонад.

## МАВҚЕИ "КОТИБИ ДУЮМ"

Баъди таъйини Пётр Кириллович Лучинский ба мақоми котиби дуюми КМ ҲК Тоҷикистон, дар зоҳир чунин метофт, ки ӯ як намояндаи миёнаҳолест барои ба роҳ мондани ҳамоҳангии сиёсати марказ бо сиёсати дохилии ҷумҳурӣ. Аммо дар асл, ин як нуқтаи гардиши куллӣ дар низоми кадрии Тоҷикистон буд.

Дар низоми Шуравӣ вазифаи "котиби дуюм" дар ҷумҳуриҳои Иттифоқ намояндагӣ аз Кремл буд. Котиби якум - шахсияти маъруф, роҳбари "қонунӣ"-и ҷумҳурӣ, қудрати сиёсӣ дошт, вале котиби дуюм - қудрати аслӣ, назоратгари сиёсати ҳизб, ҷобаҷогузори кадрҳо ва гӯшу чашму даҳони Маскав ба ҳисоб мерафт. Вай масъулияти назорат дар интихоби роҳбарони шаҳру навоҳӣ ва шуъбаҳои муҳими КМ, ислоҳи сиёсати кадрӣ тибқи дастури КМ ҲКИШ, таъмини ҳамоҳангии фаъолияти ҳама шуъбаҳо бо сиёсати умумии иттифоқ, назорати хомӯш аз болои котиби якумро дошт.

Аммо Пётр Лучинский ин принсипҳоро риоя накард. Ба ҷойи ҳамоҳангсозӣ ва мушовара ҳама ғалат он буд, ки дигар ба қадри кадрҳои маҳаллӣ намерасиданд, касе ки 30 сол хизмат дошт, рӯзе бидуни пурсиш, бе гуноҳашро ба сараш бор кардан бо шахси аз сиёсату иқтисод бехабар иваз мешуд. Вақте шикоят мекардӣ, ба ту ҳамчун "хиёнаткор" муносибат мекарданд...".

Пётр Лучинский бо зоҳири ором ва чеҳраи либералӣ, дар асл як мизоҷи Кремл буд, ки бо ҳар роҳ мехост сиёсати навро татбиқ кунад, ҳатто агар он боиси шикасти арзишҳо ва тачрибаи маҳаллӣ мебуд. Ва ин сиёсат, ки аввал "интихоби нав" метофт, дертар ба як бухрони амиқ дар эътимоди кадрӣ ва робитаи ҳизб бо мардум табдил ёфт.

Тоҷикистон вориди як даврае шикасти кадрӣ ва ҷудоӣ миёни ҳизб ва ҷомеа мешуд. Даврае, ки дигар таъинот маънои собиқаро надошт ва эътимод аз миён мерафт.



## ПЁТР ЛУЧИНСКИЙ - ОҒОЗИ ҶУДОӢ

Кадрҳое, ки таъйин мешуданд, дигар кадрҳои ҷумҳурӣ не, "кадрҳои Кремл" буданд. Робита бо мардум, фарҳанг, ойини маҳал дигар арзиш надошт. Ҳамон лаҳзае, ки шахси ношинос, аз сиёсат бехабар ба курсии чеҳраҳои кордон нишаст, мардум дар дил мегуфтанд: "Мо дигар соҳиби ин хона нестем".

Муродуллоҳ шабҳо таърихи бо роҳбарони маҳаллӣ, ӯ якбора даст ба иваз кардани кадрҳо зад - бе машварат, бе эҳтиром ба тачриба ва собиқаи корӣ. Ин амали дар назари аввал ором, вале шикастдиҳандаи низоми мавҷуда ба як таҳаввулоти инқилобӣ оғоз бахшид.

Ба ҷои роҳбарони тачрибадор кадрҳои ҷавони ношинос ва итоаткорро вазифа медод. Дар бисёр маврид, муносибати ӯ бештар зеҳнгароёна, вале дур аз воқеияти ичтимоӣ буд. Вай бар ивази мӯй дар осиёби ҳизб сафедкардагон дастнишондаҳои худро таъин мекард. Ва бо ин иқдомаш фикр мекард, ки сиёсати Маскавро дуруст татбиқ мекунанд.

Дар асл, ӯ кадрҳоро на бо меъёрҳои касбӣ ё сиёсати умумии давлатӣ, балки бар пояи меъёрҳои хоси шахсии худ интихоб мекард - меъёрҳое, ки бештар реша дар амбитсияи шахсӣ, муносибатҳои инфиродӣ ва эҳтимолан манфиатҳои пинҳони гурӯҳӣ доштанд. Ба ҷои арзёбии воқеии донишу тачриба, ӯ ба бовар ва писанди шахсӣ такя мекард. Чунин муносибат ба интихоби кадрҳо на танҳо боиси норизогӣ мегашт, балки бовар ба адолат ва шаффофияти низомро низ коста мекард.

Ба ҷойи афроди боистеъдод ва собиқадор, ки солҳо тачриба андӯхта буданд, дар мақомҳо ашхосе меомаданд, ки танҳову танҳо ба қавле, "ба вай писанд омада буданд".

Ин рафтор рӯҳияи кормандони варзидаи тоҷикро шикаст ва фазои нобовариву дурии байни ҳизб ва ҷомеа ба вуҷуд омад - фазои хатарнокро ба миён оварад. Зеро афкори ҷомеа дар ҳоли бедорӣ буд - мардум тағйирот мехост, вале тағйироти адолатманд, на маҳви рӯшанфикрон.

Қаҳҳор Маҳкамов як роҳбари ботаҳаммул ва мулоҳизакор буд, вале шахсияти Пётр Лучинский низоми мавҷударо зери хатар қарор медод, роҳбарони маҳаллӣ, ки тайи солҳо собиқаи хуби корӣ доштанд, як-як барканор мешуданд.

Яке аз чеҳраҳои сиёсии ҳамон давр чунин баён кардааст: "Аз ҳизбро варақ мезаду ба андеша мерафт: ин ҳама ба ҳизб иртиботе надорад. Ба берун менигарист ва торикӣ медид.

- Агар ин тавр идома ёбад,- гуфт ӯ ба худ, мо на танҳо ба сарнавишти ҳизб, балки ба сарнавишти миллат муқассир мешавем.

Лучинский на танҳо раҳбари бад, балки душмани ошкорои миллати тоҷик буд. Ӯ як шахси сиёсии ирсолшуда ба ҳисоб мерафт. Вай ором омад, вале оромӣ наовард. Ӯ дари дигареро кушод: дари шубҳа ба адолат, дари беэътимодӣ ба ҳизб, дари ҷудоии хомӯш миёни халқ ва роҳбарон.

## ХОМӮШӢ МИЁНИ ДУ ҚУЛЛА

**(Робитаи Лучинский ва Қаҳҳор Маҳкамов)**

Сармо аз Душанбе рафта буд, аммо хунукӣ дар фазои идораи КМ боқӣ монд. Хусусан дар равобитаи кории ду роҳбар - Қаҳҳор Маҳкамов ва Пётр Лучинский. Ду қуллаи баланд - яке маҳаллӣ, дигаре омада, ҳамдигарро медиданд, мешуниданд, аммо риштаи пайванд миёнашон набуд.

Қаҳҳор Маҳкамов шахси таҳаммулгаро, боандеша ва соҳибидрок буд. Аммо ӯ сиёсатмадори мактаби муътадил ва эҳтиёткори тоҷикӣ буд. Вай хуб медонист, ки котиби дуюм намояндаи марказ аст ва ҳатто агар "дуюм" бошад ҳам, дасташ аз роҳбари аввал дарозтар аст.

Пётр Лучинский бошад... Ӯ ба ҳар чиз бо шубҳа менигарист. Хусусан ба кадрҳои маҳаллӣ.

Шерализода дертар, ҳангоми варақзании сафаҳоти хотироташ лаҳзаҳои нахустин мулоқот бо Пётр Кириллович Лучинскийро бо як эҳсоси баргашти талх ба ёд меорад. Ӯ менависад:

- Ҷаласаи шуъба буд. Пётр Кириллович низ иштирок дошт. Пас аз муҳокимаи як масъалаи кадрӣ, ногаҳон ба сардори шуъба - Лақим Қаюмов, ки зодаи вилояти Сурхондарёи Ӯзбекистон буд, рӯй оварда, бо овози хос ва оҳанги суоломез пурсид:

- Чаро ҳамаи онҳо аз як вилоятанд? Магар дар ҷумҳурӣ ҷойи дигар нест?

Савол, ки зоҳиран бепарвоёна ва ба сабки як мушоҳидаи бетараф гуфта шуд, дар асл холӣ аз мантиқ буд. Дар шуъба, ба гуфтаи Шерализода, ҳеҷ нафаре аз вилояти Сурхондарё, ба ҷуз роҳбари он, фаъолият намекард. Аммо ин изҳор танҳо як ишораи рӯйпӯшшуда набуд, он бозтоби дидгоҳи пӯшидаи Лучинский нисбати кадрҳои маҳаллӣ буд. Он нидои нобоварӣ буд, ки аз паси суханони зоҳиран оддӣ решаҳои амиқи сиёсиву фарҳангӣ дошт.

Ин гуна муносибат, ки аз рӯзҳои аввал эҳсос мешуд, бо гузашти вақт ба як тарзи кор ва муносибати муназзам табдил ёфт. Лучинский на танҳо ба кадрҳои маҳаллӣ бо шубҳа менигарист, балки онҳоро ҳамчун неруи хатарзо ва номуътамад тасаввур мекард. Ва ҳамин шубҳа, ҳамин беэътимодӣ дертар ба як ҷудоии рӯҳонӣ байни роҳбарияти сиёсӣ ва элитаи фикрии ҷумҳурӣ сабаб шуд.

Дар ҷаласае Қаҳҳор Маҳкамов номзадии кадри маҳаллиро ба курсии роҳбарӣ пешниҳод кард. Лучинский на мухолифат кард ва на мувофиқат, танҳо гуфт:

- Ба назар мегирем.

Пешниҳод як ҳафта баъд ба Комитети марказӣ баргашт, вале бо таҳрири кулл. Номи номзади Қаҳҳор Маҳкамов дар он набуд, ба ҷояш нафаре аз рӯйхати "марказ" буд. Ҳамин буд оғози ҷудоӣ миёни "ҳизби ҷумҳуриявӣ" ва "ҳизби марказӣ".

**(Давом дорад)**

**Шариф Ҳамдампур**

# ҲАМСАБАҚИ ПРЕЗИДЕНТ

## Дидор баъди 56 сол



*Сайфиддин Рустамов ва Эмомалӣ Раҳмонов дар замони донишҷӯӣ*

**Бо Сайфиддин Рустамов - ҳамсабақи Президенти кишвар дар деҳа вохӯрдам. Чанде пеш, зимни сафари Пешвои миллат ба шаҳри Панҷакент нахустин дидори ду ҳамсабақ баъди 56 сол баргузор шуд. Дар эфири телевизионӣ ҳамагӣ чанд дақиқа аз он лаҳза нишон дода шуд, вале онҳое, ки дар он вохӯрӣ буданд, аз мулоқоти гарму самимии ду ҳамсабақ мегуфтанд…**

### КӮҲ БА КӮҲ НАМЕРАСАД…

Суоли нахустинам аз Сайфиддин Рустамов ин буд:

**- Саркори кишвар шуморо чӣ тавр пазируфтанд?**

- Қабл аз суҳбат бисёр ҳаячон доштам. Фикр мекардам, ки баъди 56 сол чӣ гуна бо ҳам вомехӯрда бошем? Оё Пешвои миллат маро ба ёд меоранд? Боз худамро таскин медодам, ки наход ба ёд наоранд, дар як парта менишастем, дӯстони хуб будем... Хулоса, вақте навбати сухан гуфтани ман расид, чанд чумла хондаму ҳаячонам баланд шуд. Пешвои миллат гуфтанд, ки наздик биё, туро шинохтам. Бо ман бисёр мехрубон буданд, худашон ба наздам фаромаданд. Гуфтанд: “Баъди 56 сол мо ба дидори ҳам расидем. Бубинед, “кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад”. Пешвои миллат аз хотираҳои даврони чавонӣ нақл карданд, бо ман бисёр мехрубон буданд...

Соли 1969 Сайфиддин Рустамов бо роҳҳати совхози “Марғедар” ба Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №40-и шаҳри Калининобод дохил шуда, дар гурӯҳи №10 аз рӯйи ихтисоси “Челонгари асбобҳои баркӣ - санҷишӣ ва автоматика” бо Эмомалӣ Раҳмон таҳсил кард. Дар соли дуюми таҳсил Сайфиддин Рустамов сардори гурӯҳ таъйин мешавад. Онҳо, 27 нафар соли 1971 омӯзишгоҳро хатм мекунанд.

**- Аз даврони донишҷӯйӣ чӣ хотирот доред?**

- Хотира зиёд аст, зеро донишҷӯйӣ даврони тиллоии умр мебошад. Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамон даврон аз дигарон фарқ мекарданд. Аввал - чавони боқувват буданд, дуюм - боадолат, сеюм - аҳли мутолиа. Китобҳои бадеиву таърихӣ мехонданд. Боре гуфтанд, ки ният доштанд ба факултаи шарқшиносӣ дохил шаванд, вале имкон нашудааст...

### ИНТИЗОР НАБУДАМ…

**Аз Сайфиддин Рустамов пурсидам, ки чаро ин қадар сол талош накарданд, ки бо Пешвои миллат вохӯранд?**

Посухи эшон чунин буд:

- Вақте ки Ҷаноби Олӣ аввал депутати Шурои Олӣ шуданд ва баъдан зимоми идораи кишварро ба даст гирифтанд, банда бо ифтихор фаъолиятҳои эшонро пайгирӣ мекардам, вале ба худам муносиб намедидам, ки барои дидору мулоқот бо эшон талош кунам. Охир, эшон саркори кишвар ҳастанд ва миллион ташвиш доранд. Вале соли 2017 вақте дар Кони тиллои Сангвор сардори бахш шуда кор мекардам, Ҷаноби Олӣ барои бозкушоии коргоҳи нав ба коргоҳи мо ташриф оварданд. Он вақт эшонро аз дур дида, ба ҳамкорон гуфтам, ки эшон ҳамсабақи ман ҳастанд. Сардорамон гуфт, ки чаро қаблан нагуфтед, ки вохӯрии шуморо бо он кас ташкил мекардем...

Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №40 ҳоло Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аст. Соли 2022 дар ин муассиса Осорхонаи Пешвои миллат таъсис меёбад.

Сайфиддин Рустамов мегӯяд:


- Як рӯзи соли 2022 дар хона телевизор тамошо мекардам, ки аз Литсейи касбии саноати кимиёи шаҳри Левакант гузориш пахш карданд. Аввал диққат надодам, чун намедонистам, ки ҳамин омӯзишгоҳи мост. Вале як ҳамсабақамон осорхонаи навтаъсиси Пешвои миллатро муаррифӣ карда, номи маро ҳам гирифт ва ҳуччатҳои маро нишон дод. Дар ҳайрат мондам ва роҳ пеш гирифтам ҷониби Левакант. Ҳамин тавр, осорхонаро тамошо карда, нусхаи диплом, ҳуччатҳо ва аксҳоямро дида, ҳайратзада шудам. Суроғаи ҳамсабақонро гирифта, чанд нафари онҳоро пайдо кардам, аз чумла, Холов Нурмуҳаммад, Ҳабибуллоев Хол, Ҳусейнов Нарзулло, Баротов Давлат, Мерганов Хайрулло ва равуои мо оғоз шуд...

Сайфиддин Рустамов аз он шукргузор аст, ки билохира бо ҳамсабақонаш робита пайдо кард. Махсусан, аз дидор бо Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки замоне дар як парта менишаст, ифтихор мекунад.

- Ман аз фурсат истифода бурда, аз раиси вилояти Суғд Рачаб Аҳмадзода ва аз раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода миннатдорам, ки маҳз бо талоши эшон бо Пешвои миллат вохӯрдам. Ин ду нафар пайравони воқеии Пешвои миллат ҳастанд,- мегӯяд Сайфиддин Рустамов.

Сайфиддин Рустамов умедвор аст, ки бори дигар имкон пайдо мешавад, ки бо Президенти кишвар ва ҳамсабақони дигараш дар Осорхонаи Пешвои миллат, ки замоне синфхонаи онҳо буд, бо ҳам меоянд.



# ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧИН



(Аввалаш дар саҳ. 2)

## ЭРОН



Дар шаҳри Тянҷини Чин мулоқоти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён баргузор шуд. Ҷонибҳо ба густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, энергетика, нақлиёти байналмилалӣ, илму фанноварихо, кишоварзӣ ва тандурустӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Ҷонибҳо аз лағви раводид миёни ду кишвар истиқбол намуда, онро омили муҳими рушду густариши гардишгарӣ, тиҷорат, нақлиёт, фарҳанг ва тиб арзёбӣ карданд. Ҳамзамон, дар робита ба вазъи мураккаби Ховари Миёна табодули назар сурат гирифта, ба таҳкими ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аҳамияти махсус дода шуд. Президенти Тоҷикистон барои ҷонибдории Эрон чиҳати таъсиси Маркази зиддимухаддиротии Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Душанбе изҳори сипос намуд.

## РУСИЯ



Ҳамчунин, дар Чин мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Русия Владимир Путин доир шуд. Зимни суҳбат ҷонибҳо масъалаҳои мубрами муносибатҳои дуҷонибаро баррасӣ карда, доир ба натиҷаҳои ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай табодули афкор намуданд. “Масъалаҳои алоҳидаи рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Масъалаҳои вобаста ба ҳамоишҳои дарпешистодаи сатҳи олӣ баррасӣ шуд”,- иттилоъ медиҳад ҳадамоти матбуоти Президенти кишвар.

## ПОКИСТОН



Дар шаҳри Пекин бошад, мулоқоти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Покистон Шаҳбоз Шариф доир шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии Тоҷикистонро ба рушду тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Покистон таъкид намуд. Шаҳбоз Шариф дар навбати худ изҳор дошт, ки “дӯстию бародарии мову шумо ва мардумони Покистону Тоҷикистон аз қалб бармехезад ва мо ба ин арҷи баланд мегузорем”.

Масоили таҳкиму тавсеаи робитаҳои ду кишвар дар арсаи сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, бахусус энергетика ва нақлиёт, фарҳанг, илму маориф, техника ва амнияту мудофиа муҳокима гардид. Дар роҳи баррасӣ ва ҳалли маҷмуи масъалаҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, фарҳангиву гуманитарии ду кишвар нақши Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ муҳим дониста шуд. Дар ин замина, ҷонибҳо хостори бештар фаъол гардидани дигар василаҳои пешбурди ҳамкорӣ, аз ҷумла Гурӯҳи кории нафту газ, энергетика ва Шурои муштараки соҳибкорон шуданд. Таъкид шуд, ки дар шароити кунунӣ барои ҳар ду ҷониб ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт аҳамияти калидӣ дорад. Таъсиси Шурои муштараки ширкатҳои боркашонии ду кишвар иқдоми муассир дониста шуд. Бино ба иттилои ҳадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон, ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика ва рушди бозори неруи барқ дар минтақа, аз ҷумла татбиқи саривақтии тарҳи CASA-1000 муҳим арзёбӣ гардид.

## ҲИНДУСТОН



Дар ҳошияи ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ доир ба густариши робитаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию башарӣ табодули афкор намуданд. “Сарони ҳар ду давлат аз раванди рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Ҳиндустон изҳори қаноат намуданд”,- иттилоъ медиҳад ҳадамоти матбуоти Президенти кишвар.

## ЧИН

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо Президенти Чин Си Ҷинпин ҳамкории дуҷонибаву бисёрҷонибаро баррасӣ карданд.

Ба иттилои ҳадамоти матбуоти Президенти кишвар, роҳбарони ду кишвар ба масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкорӣ дар ҳамаи арсаҳои ҷавобгӯи манфиатҳои мардумони ду кишвар, аз ҷумла иқтисодиву тиҷоратӣ, рақамикунонӣ, таҷдиду рушди инфрасохтори нақлиётӣ, логистика, истифодаи имкониятҳои транзитӣ, ҷалби сармоя ва технологияҳои Чин ба иқтисоди Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт: “Мо саҳми шоистаи Шуморо, ҷаноби Си Ҷинпин, дар тавсеаи ҳамкории гуногунҷанбаи кишварҳоямон баланд арзёбӣ менамоем”. Таъкид гардид, ки бо вуҷуди шароити мураккаби геосиёсӣ Созмони ҳамкории Шанхай дар таъмини амну субот ва густариши робитаҳои судманди байнидавлатӣ саҳми худро мегузорад. Сарвари давлат бо таъкиди дастгирии ташаббуси нави “Идораи глобалӣ”-и Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин изҳор дошт, ки ин ташаббус бо талошҳои пайвастаи ҷониби Тоҷикистон чиҳати таъмини волоияти қонун, сулҳи комил, амният ва рушди устувор ҳамсон аст ва барои пешбурди ҳадафҳои муштараки мо зарфияти зиёд дорад. Ҷонибҳо аз такмили абзорҳои ҳамкорӣ дар қолаби “Осиёи Марказӣ-Чин” изҳори қаноатмандӣ намуданд. Таъкид гардид, ки дар самти таъмини амният ва мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир ҳар ду кишвар мавқеи ҳамсон доранд.

## $500 МИЛЛИОНИ БОСИ БА “РОҒУН”

Дар шаҳри Тянҷин мулоқоти Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Бонки Осиёии Сармоягузориҳои Инфрасохторӣ (БОСИ) Ҷин Литсюн доир шуд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон саҳми бонкро дар рушди инфрасохтори устувор ва таҳкими ҳампайвандии кишварҳои минтақа намоён номид.

Гуфта мешавад, ки Бонк дар татбиқи чор лоиҳаи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ба маблағи умумии беш аз 430 миллион доллар иштирок дорад. Аз ҷумла дар сохтмони неругоҳи “Роғун” ва пули бузурги мошингарди дарозиаш 920 метр дар ноҳияи Нуробод. “Дар ин зимн бонк тасмим гирифтааст, ки маблағгузории худро ба неругоҳи Роғун ба 500 миллион доллари амрикӣ расонад”,- иттилоъ медиҳад ҳадамоти матбуоти Саркори давлат. Ҷонибҳо имкони васеи ҳамкорӣ дар самти энергетикаи “сабз”, аз ҷумла сохтмон ва навсозии неругоҳҳои барқии гуногуниқтидор ва ба истифода додани дастгоҳҳои офтобию бодиро муҳокима намуданд. Дастгирии молиявии Бонк барои татбиқи лоиҳаҳо дар самти идоракунии захираҳои об, коҳиш додани хатари селу ярч ва ҷалби технологияҳои муосири назорату мониторинг зарур шумурда шуд. Ба тақвияти ҳамгироии нақлиётӣ, рушди инфрасохтори он ва навсозии низомҳои коммуналӣ низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Ҳамкорӣ барои ҷалби сармояи хусусӣ, рушди шаклҳои инноватсионии маблағгузорӣ ва усулҳои нави молиявӣ аз самтҳои ояндадори робитаҳо номида шуд.

## ГУЗАШТИ НИЗОМӢ

3-юми сентябр дар шаҳри Пекин ба муносибати 80-солагии Ҷанги Дуюми Ҷаҳон гузашти низомӣ баргузор шуд. Дар он Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳ бо сарони 25 кишвари дигар, аз ҷумла Эрон, Русия ва Покистон ширкат намуд. Дар гузашти низомӣ беш аз 10 000 неруҳои заминӣ, баҳрӣ ва ҳавоии Чин иштирок карда, аслиҳаҳои муосири ин кишвар, аз ҷумла паҳподҳои худкор, мушакҳои қорапаймои ҳастаӣ, роботҳо ва сомонаҳои дифоӣ ба намоиш гузошта шуданд.



# 37 ФАРЗАНД ВА МИЛЛИОНҲО ДАР БОНК

## Сарнавишти Амири беватан

**- Оё медонед, ки Амир Олимхон 37 фарзанд дошт?**

**- Маблағи ҳангуфти Амир Абдулаҳад дар бонки Фаронса;**

**- Миллионҳои Амир Олимхон дар Бонки Британиё;**

**- Амири беватан хору залил буд ё бениёзу соҳибимтиёз?**

**- Олимхон дар ғарибӣ чӣ машғулият дошт?**

**105 сол қабл, 2-юми сентябри соли 1920 артиши рус Бухороро тасарруф кард. Амири Бухоро Сайид Амир Олимхон аз пойтахт фирор кард. Шаш моҳ дар Қалъаи Ҳисор буд ва баъдан ба Афғонистон паноҳ бурду то вопасин нафас дар Кобул зиндагӣ кард. Ӯ дар Кобул чӣ рӯзгор дошт? Пажӯҳишгарони мо ба баррасии ин мавзуъ камтар пардохтаанд. Бинобар ин, мо ба баъзе аз саҳифаҳои зиндагии амири беватан рӯшанӣ меандозем.**

### 37 ФАРЗАНДИ АМИР

Аз манбаъҳои таърихӣ бармеояд, ки амир Олимхон аз занҳои бешумораш тақрибан 37 фарзанд (17 писар, 20 духтар) дошт.

**Писарони амир:** 1. Саид Умар, 2. Саид Мурод, 3. Саид Иброҳим, 4. Саид Абдураҳим, 5. Саид Абдуфаттоҳ, 6. Саид Абдулкабир, 7. Саид Азимшиор, 8. Саид Мансур (шоир), 9. Саид Абдулло, 10. Саид Абдулҳочӣ, 11. Саид Абдуғаффор, 12. Саид Ҳочӣ, 13. Саид Абдусаттор, 14. Саид Абдурауф, 15. Саид Муҳаммад, 16. Саид Ориф, 17. Саид Шоҳмурод.

**Духтарони амир:** Исми на ҳамаи онҳоро муаррихон маълум кардаанд. То ба имрӯз номи 10 нафарашонро дар даст дорем. 1. Шукрия, 2. Муҳсина, 3. Хайрия, 4. Муслима, 5. Солеҳа, 6. Назокат, 7. Муборак, 8. Муъмина, 9. София, 10. Узрӣ.

Вале ин рӯйхат низ ниҳоӣ нест. Тавре аз манобеи таърихӣ бармеояд, амир Олимхон айшу ишратро дӯст медошт ва пайваста дар ҳалқаи гулрухон буд (ва натанҳо). Ҳатто дар вазъияти душвортарин - фирор аз Бухоро ва мустақар шуданаш дар Қалъаи Ҳисор каниздухтаронро ҳамчун тухфа мепазируфт. Ҳатто ба ҳайси ҳадя пазируфтани духтари 13-сола аз ҷониби Амир дар Ҳисор низ дар манобеъ омадааст.

### ПИСАРИ ШОИРИ АМИР

Дар даврони Шуравӣ исми ҳамагӣ як фарзанди Амир Олимхон маълум буд ва дар бораи ӯ матбуоти Шуравӣ пайваста мақолаҳо нашр мекард. Ӯ ҳам бошад, Шоҳмурод Олимови низомӣ буд, ки дар сафи Артиши Сурх хизмат мекард.

Ҳаштумин писари Амир Олимхон Саид Мансур Олимӣ табъи шоирӣ дошт ва эҷодкор буд. Тибқи навиштаи муаррихи ӯзбек Ҳалим Тӯраев, Мансур соли 1931 дар Афғонистон ба дунё омадааст. Як муддат омӯзгорӣ кардааст. Ӯ табъи шоирӣ низ дошт. Намунаи ашъораш дар тазкираи “Армуғони Саббоқ” омадааст.

Саид Мансур Олимӣ рисола таълиф кардааст, таҳти унвони “Бухоро - гаҳвораи Туркистон”, ки барои таърихнигорони мо чандон маълум нест. Зеро рисолаи мазкур бо забони форсӣ бори аввал дар Пешовар нашр шуда, баъдан соли 1996 дар Туркия низ бо забону алифбои форсӣ чоп шудааст. Соли 2004 ин китоб аз ҷониби профессори Донишгоҳи Бухоро Ҳалим Тӯраев ба забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидааст.

Ин китоб дар мавриди хонадони манғит маълумоти фаровону арзишманд дорад. Муаллиф рисолаашро аз даврои истилои Осиёи Миёна аз ҷониби арабҳо оғоз карда, воқеаву ҳодисаҳои то солҳои 20-уми асри XX-ро фаро мегирад. Дар асар пас аз қисмати муқаддимавӣ дар бораи зуҳури дини ислом дар қаламрави Мавароуннаҳр, оид ба топоними Бухоро, масоҳати он, китобхонаҳо бо нишон додани ном ва теъдоди китобҳо, қаламрави Бухоро, сохтори идорӣ, мансабҳо, мадрасаҳо (беш аз сад мадраса) ва маблағи барои бунёди он масрафгардида), ҳаммомҳо, дарвозаҳои шаҳр ва ҳашт сулолае, ки дар Бухоро ҳукумат ронданд, аз Сомониён то Манғитиён маълумоти ҷолиб додааст. Қисмати асосии асар бештар ба воқеаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва мадании Мавароуннаҳр дар даврои ҳукмронии сулолаи Манғития бахшида шудааст.

### МАБЛАҒИ ҲАНГУФТИ АМИР АБДУЛАҲАД ДАР БОНКИ ФАРОНСА

Муаллифи рисолаи «Бухоро - гаҳвораи Туркистон» ба рӯзгори бобояш, падари Сайид Олимхон - Амир Абдулаҳадхон (солҳои ҳукмронӣ 1885-1910) бештар тамаркуз мекунад. Ӯ дар бораи бобояш бо муҳаббат хома ронда, таъкид мекунад, ки ӯ ба шеъру адабиёт дилбастагӣ дошт ва бо тахаллуси «Оҷиз» шеър менавишт. Ҳамчунин Саид Мансур зикр мекунад, ки Ҳочӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам маҳз бо супориши Амир Абдулаҳадхон "Тазкират-ул-шуаро" навиштааст. Ӯ ҳамчунин Абдулаҳадро саховатманд ҷилва дода, менависад, ки ӯ дар Маккаи Мукаррама, Мадинаи Мунаввара, Шом, Миср, Сурия ва Ироқ масҷидҳо, меҳмонхона ва корвонсаройҳо бунёд кардааст, ки солҳо мавриди истифодаи зиёраткунандагон буд.

Ӯ ҳамчунин дар бораи бобояш як факти ҷолибро меорад. Менависад, ки Амир Абдулаҳадхон дар Бонки Фаронса маблағи бузурге гузошта буд, ки то ҳол истифода нашудааст.

### САРНАВИШТИ ПУЛҲОИ АМИР ДАР БОНКИ БРИТОНИЁ

Саид Мансур Олимӣ дар рисолаи «Бухоро - гаҳвораи Туркистон» дар бораи маблағҳои падараш Амир Сайид Олимхон ҳам маълумоти ҷолиб пешниҳод мекунад. Ӯ менависад, ки Амир Олимхон соли 1914 тавассути намояндагонаш - Тӯрақул, Қорӣ Музроб ва Қорӣ Муҳаммад 13 500 адад пӯстҳои қоракӯлиро ба Ҳинди Британиё фиристодааст ва ин тиҷорат баъдан ҳам идома доштааст. Соли 1921 аз қаламрави Афғонистон Ҳочӣ Исмоилбек ва Тӯрақулро ба Лондон (Англия) мефиристад, то пӯстҳои қоракӯлиро ба фурӯш бароранд. Пӯстҳои қоракӯлии амир бо нархи 17 500 000 рупияи ҳиндӣ фурӯхта мешаванд. Аз ин маблағ 27 930 фунт стерлинг, 2 шиллинг ва 9 пенс ба бонки "Grindlays Bank P.J.C." дар шаҳри Лондон ба номи Амир Олимхон гузаронида мешавад. Ба навиштаи Саид Мансур Олимӣ, онҳо талош кардаанд, ки аз бонкҳои Пешовар ва Лондон ин маблағҳоро бигиранд, вале (то лаҳзаи нашри китоб) муроде ҳосил нашудаву маблағҳо дар суратҳисоби амир боқӣ мондаанд.

### ШОҲИ ГУРЕЗА

Саид Мансур Олимӣ ҳамчунин дар бораи муносибати амирони Афғонистон Амонуллохон (солҳои 1919-1929), Ҳабибуллоҳи Калаконӣ (бо лақаби Бачаи Сақо, соли 1929), Муҳаммад Нодиршоҳ (1929-1933), Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933-1973) бо падараш маълумоти ҷолиб медиҳад. Тибқи навиштаи ӯ, вақте ки Амир Олимхон соли 1921 (дар баҳор) бо 500 нафар ҳамроҳонаш вориди Кобул мегардад, аввал дар боғи Ҳусайн Кавт иқомат мекунад. Баъдтар ӯро ба боғи Ҳошимхон мекӯчонанд ва баъди як сол ба қалъаи Муродбег интиқол медиҳанд. Пас аз чор моҳ дар он ҷо зистан, қароргоҳи охирини ӯ боғи Қалъаи Футуҳ мегардад, ки дар масофаи 11 км дуртар аз шаҳри Кобул ҷойгир буд. Ин мавзеъ ба Амир ва атрофиёни ӯ ба таври ройгон барои иқомати доимӣ ҳадя карда шуда буд.

Саид Мансур менависад, ки падараш дар Афғонистон тангдастӣ намекашид ва фақиру муҳтоҷ набуд. Дар замоне ки дар қалъаи Муродбег иқомат мекард, Ҳочӣ Мирзо Девонбегӣ се тоҷи маросимӣ, ки бо гавҳарҳо ва алмосҳои қиматбаҳо оро ёфта буданд, ба ӯ тақдим кард. Амир яке аз ин тоҷҳо ва камари тиллоии худро ба Амонуллохон ҳадя кард.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**



*Амир Олимхон*

# НОҲИЯИ КӮШОНИЁН: ИҶРОИ БОСИФАТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ТАЪМИН МЕГАРДАД

**ПЕШВОИ МАҲБУБИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ЗИМНИ ЯКЕ АЗ БАРОМАДҲОИ ХЕШ ТАЪКИД НАМУДАНД, КИ «ПЕШБУРДИ ОҚИЛОНАИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ВА МУЪТАДИЛИИ ОН ДАР ҲАМА ДАВРУ ЗАМОНҲО ОМИЛИ АСОСИИ УСТУВОРИИ ДАВЛАТ МЕБОШАД».**



*Файзалӣ Маҳмадуллоев, сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён*

Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён кор ва фаъолияти худро дар асоси супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати мамлакат, Вазорати молия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба роҳ мондааст.

Бино ба иттилои сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён Ф. Маҳмадуллоев, дар асоси қарори маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Кӯшониён барои соли 2025 буҷети маҳаллии ноҳия ба маблағи 231 639 130 сомонӣ, аз ҷумла маблағҳои мақсадноки буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 132 865 530 сомонӣ ва аз буҷети вилоят 1 200 000 сомонӣ ва нақшаи даромади буҷети маҳаллии ноҳия 93 658 900 сомониро ташкил дода, касри буҷет ба маблағи 3 914 700 сомонӣ тасдиқ карда шудааст.

Нақшаи андоз бо назардошти андози ғайри буҷетӣ 100% фоиз дар умум иҷро гардидааст.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия дар соли 2025 маблағи 45 892 863 сомониро дар бар гирифта, иҷроиши он бошад, 46 422 787 сомониро ташкил медиҳад, ки 101 фоизи нақшаро дар бар мегирад ва аз нақша 529 924 сомонӣ барзиёд иҷро гардидааст.

Боиси қайд аст, ки нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ ба маблағи 22 443 813 сомонӣ тасдиқ гардида, иҷроиши он бошад, 21 699 587 сомонӣ ё ин ки 97% фоиз мебошад ва аз нақшаи пешбинигардида 744 226 сомонӣ кам аст.

Маблағҳои мақсаднок (субвенсия) дар соли ҷорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ тибқи нақшаи пешбинишуда 65 133 000 сомонӣ ворид гардида, иҷроиши он бошад, 65 124 443 сомониро ташкил медиҳад, ки 100 фоизи нақшаро таъмин менамояд.

Дар соли 2025 аз буҷети вилоят бошад, бо роҳи ҳисоббаробаркуниҳо тибқи нақша 600 000 сомонӣ маблағ ҷудо гардида, иҷроишаш 600 000 сомониро ташкил медиҳад, ки нақшаи пешбинишуда 100 фоиз иҷро гардидааст.

Нақшаи қисми харочоти буҷети маҳаллии ноҳия дар семоҳаи дуюми соли 2025 ба маблағи 115 188 777 сомонӣ ба нақша гирифта шуда, иҷроиши он 113 298 538 сомонӣ ё ин ки 98 фоиз иҷро гардидааст.

Дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мадди аввал ҷамъоварии маблағҳои нақшаи андози маҳаллӣ ва маблағҳои мақсаднок ба пуррагӣ ба музди меҳнат ва фонди иҷтимоӣ, инчунин ба дигар уҳдадориҳо равона карда шудааст.

Маҳз бо чунин мақсад Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён музди меҳнати кормандони соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, умуман тамоми соҳаи буҷетиро ба пуррагӣ пардохт намудааст, ки ба ҳолати 1-уми июли соли 2025 қарздории фонди музди меҳнат дар ноҳия вуҷуд надорад.

Ба гуфтаи Ф. Маҳмадуллоев, Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён тамоми имкониятҳоро роҳандозӣ намуда истодааст, ки талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таъмини иҷрои босифати буҷети давлатӣ дар соли 2025 ва роҳ надодан ба харочоти беасоси дуюмдараҷа иҷро гардад.

- Маҳз бо чунин ҳадафҳо дар асоси нақша-чорабинӣ оид ба сари вақт ҷамъоварӣ намудани андозҳои маҳаллӣ бо нозироти андоз ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми чораҳоро амалӣ намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил хоҳем гашт,- афзуд ӯ.



**Машраби АЛОВИДДИН**

**РАЁСАТИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ (ВКД) ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ЯК СОКИНИ 33-СОЛАИ НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХИРО БО ГУМОНИ КУШТОРИ ФАРЗАНДИ ҲАМСАРАШ (ПИСАРАНДАР) БОЗДОШТ КАРДА, НИСБАТАШ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ БОЗ КАРДААСТ.**



# БА ДАҲОНАШ НОС ПУР КАРДАМ

## Боздошти падари угай бо гумони куштори писарандар

Пулиси Душанбе аз ин мард Бахтиёри Намоз ном бурда, гуфтааст, ки ӯ рӯзи 22-юми август дар кӯчаи Ф. Муҳаммадиев Назаров Собирҷон, кӯдаки 6-солаи ҳамсарашро “латукӯб карда, ба таври маҷбурӣ ба даҳони кӯдак нос андохтааст”.

Дар натиҷа, нос ба роҳи нафаси кӯдак ворид шуда, боиси марги ӯ шудааст. Кӯдаки хурдсол дар роҳи беморхона фавтидааст.

“Аз кор омадам, фарзандам бозӣ дошт, ӯро як шаппотӣ задам, баъд кашонда пеши қуттиҳо овардам. Дар онҷо даҳонашро кушода, нос партофтам, баъди ду дақиқа ӯ афтод. Ӯро гирифта бо мошин то беморхона бурдам, ки дар роҳ ҷонаш баромад”,- нақл мекунад мард дар навори гузоштаи пулиси Душанбе.


Пулиси Душанбе гуфтааст, ки Бахтиёри Намоз дар ҳабси пешакӣ қарор дошта, нисбаташ бо иттиҳоми “аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан” (моддаи 108-и Кодекси ҷиноятӣ) парванда боз шуда, тафтишот идома дорад. Ин модда то 2 соли зиндон ҷазо пешбинӣ мекунад.

Назари модари кӯдак дар робита ба ин қазия маълум нест. Ҳамчунин сабаби ба чунин кирдор даст задани Бахтиёри Намоз ҳам гуфта нашудааст.

Дар Тоҷикистон куштори наздикон аз сӯи хешовандонашон ҳодисаи нав нест. Қаблан низ чунин ҳодисаҳо расонаӣ шуда буд. Яке аз чунин ҳодисаҳо қазияи марги Хусрав Одинаев, наврасаи 15-солаи зодаи шаҳри Турсунзода аст, ки дар пайи шиканҷаи падараш ҷон дод. Қазияи марги фарзанд аз дасти падар дар ҷомеа маҳкум гардид ва теъдоде аз мақомоти кишвар талаб карданд, ки ба Парвиз Одинаев ҷазои сазовор дода шавад.

Вазорати корҳои дохилӣ гуфт, ки ин мард боздошт ва нисбаташ бо қисми 3-и моддаи 110-и Кодекси ҷиноятӣ бо иттиҳоми “қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ” парванда боз шудааст.

Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилӣ, дар чумҳурӣ дар шаш моҳи аввали соли равон 28 ҳолати одамкушӣ ва сӯйиқасд ба ҷон сабт шудааст.



# САРМЕЪМОР БО 2 МЛН ПОРА БОЗДОШТ ШУД

**РУСТАМ РАҲМОНЗОДАИ 31-СОЛАРО ОҶОНСИИ ЗИДДИ ФАСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАСТГИР КАРДААСТ. ДАР ИН БОРА РАДИОИ ОЗОДӢ БО ТАКЯ БА МАНБАЪҲОИ ХУД ХАБАР ДОДААСТ.**


Ба гуфтаи манбаъ, ӯ барои ҷудо кардани қитъаи замин аз як соҳибкор 2 миллион сомонӣ ришва гирифтааст. Соҳибкор дар ин қитъаи замин, ки наздик ба шаҳри Душанбе будааст, ният доштааст хонаҳои баландошёна бунёд кунад.

“Нисбат ба сармеъмор бо гумони гирифтани пора дар ҳаҷми калон парванда боз шудааст, тафтиш идома дорад. Худи ӯ дар боздошт аст”,- навиштааст расонаи мазкур бо такя ба манбаъҳояш.

Маълум нест, ки Рустам Раҳмонзода ва пайвандони ӯ дар робита ба ин қазия чӣ назар доранд.

# МАРГИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР АМРИКО БАЪДИ ЗАНОЗАНӢ

**МУҲАММАДАЗИЗ РАҲМАТЗОДА, ҶАВОНИ 18-СОЛАИ ТОҶИК, КИ ДАР ПАЙИ ЯК ЗАНОЗАНӢ ДАР АМРИКО ОСЕБИ ВАЗНИН БАРДОШТА, ДАР БЕМОРХОНА БИСТАРӢ БУД, ДАРГУЗАШТААСТ. ДАР ИН БОРА НАЗДИКОНИ МАРҲУМ ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ХАБАР ДОДААНД.**



Муҳаммадазиз беш аз се ҳафта мешуд, ки дар шуъбаи эҳёи Беморхонаи кӯдакони шаҳри Филаделфия бистарӣ буд. Гуфта мешавад, ки ӯ дар занозании гурӯҳӣ дар ноҳияи Монтомерии аёлати Пенсилвания дар Амрико, ки сабаб ва иштирокдоронаш расман эълон нашудааст, осеби сахт бардоштааст. Занозанӣ, ба иттилои пулиси Монтгомери, шаби 14-уми август дар назди фурӯшгоҳи WAWA рӯй дод. Бо ҳозир шудани пулис иштирокдорони занозанӣ фирор карда, танҳо Муҳаммадазиз дар ҳолати беҳушӣ дар маҳали воқеа мондааст. Ӯро сипас бо чархбол ба шифохона расонданд. Набиҷон Раҳматзода, падари Муҳаммадазиз рӯзи 20-уми август гуфта буд, ки вазъияти фарзандаш вазнин аст. “Вазъияти писарам вазнин аст. Табибон бояд майнаи ӯро ташхис кунанд. Онҳо мегӯянд, ки ҳуҷайраҳои майнаи сар қариб пурра мурдааст. Тавассути хун бояд як моеъро ворид карда, майнаи сарро санҷанд, ки то чӣ ҳад зинда аст ва умеде барои мондан ҳаст ё не”. Ба гуфтаи падараш, Муҳаммадазиз ҳанӯз хонандаи мактаб буд ва рӯзи 16-уми сентябр ба синни 19 мерасид.

Нигаронӣ:

# ЧАРО ҶИНОЯТ САРИ ВАҚТ ОШКОР НАМЕШАВАД?



**РОҲБАРОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ТОҶИКИСТОН АЗ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТҲОИ ОДАМКУШӢ ВА САРИ ВАҚТ ОШКОР НАШУДАНИ ОНҲО ДАР КИШВАР НИГАРОНӢ КАРДА, АЗ ЗЕРДАСТОНИ ХУД ТАЛАБ КАРДААНД, КИ “ҚАТЛҲОИ СОЛҲОИ ГУЗАШТА, КИ ҲАНӮЗ КУШОДА НАШУДААНД, ТАҲҚИҚ ВА ОШКОР КАРДА ШАВАНД”.**

Ин масъала дар ҷаласаи Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон, ки рӯзи 29-уми август дар Прокуратураи генералии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ҳабибулло Воҳидзода, Прокурори генералӣ ва роҳбарони дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар баргузор шуд, баррасӣ гардидааст.

Онҳо дар якҷоягӣ ҳолати содиршавии ҷинояти одамкушӣ, сабабҳои сари вақт ошкор нашудани ин ҷиноятҳо, амалияи тафтишотӣ-судӣ ва самаранокии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста ба чунин ҷиноятҳоро дар 4 соли охир ва 6 моҳи соли 2025 мавриди баррасӣ қарор додаанд.

“Дар ин ҷода диққати масъулини мақомоти прокуратура, корхои дохилӣ ва амният ба ошкор намудани ҷиноятҳои одамкушии нокушодаи солҳои пешин ҷалб карда шуда, муваззаф карда шуданд, ки баҳри ошкор намудани онҳо тадбирҳои судманд андешанд”,-навиштааст сомонаи Прокуратура.

Мақомот ҳамчунин натиҷаи тафтиши силсилакушторҳои соли 2024 ва сабабу омилҳои содир шудани онҳоро баррасӣ кардаанд. Дар ҷаласаи Шуро инчунин даст ба ҷиноят задани онҳое, ки қаблан барои одамкушӣ зиндонӣ шуда буданд, мавриди таҳлил қарор гирифта, таъкид шудааст, ки рафтори минбаъдаи собиқ маҳкумшудагон назорат карда шавад.

# ПИЁДАГАРДӢ

## Аз камшавии вазн то пиронсолии бедард

**Аксар вақт одамон фикр мекунанд, ки сайругашт варзиш нест, балки як намуди фароғат аст ва барои саломатӣ нафъи он аз машқҳои ҷисмонӣ камтар аст. Бо вуҷуди ин, ин тавр нест.**

Пиёда роҳ гаштан метавонад задани дилро тез кунад, мушакҳо кор карда, чарбҳоро парча мекунанд.

**Дар як рӯз чанд дақиқа пиёда гаштан:**

*- 3 дақиқа роҳ рафтан фишори хунро паст мекунад;*

*- 5 дақиқа сайругашт дар ҳавои тоза кайфиятро беҳтар мекунад;*

*- 10 дақиқа сайругашт тафаккури эҷодиро зиёд мекунад;*

*- пас аз хӯрок 15 дақиқа роҳ рафтан сатҳи қанди хунро коҳиш медиҳад;*

*- пас аз хӯроки шом 30 дақиқа роҳ рафтан ба шумо имкон медиҳад, ки вазни худро гум кунед;*

*- 40 дақиқа гаштугузор метавонад бемории қалбро дар пиронсолон пешгирӣ кунад.*





**Дар фасли тирамоҳ рехтани мӯйи сар бисёриҳоро нороҳат мекунад ва ҳатто метарсонад. Бо кадом сабаб мӯйи сар мерезад ва оё роҳи пешгирии он вуҷуд дорад? Ба ин суол дар ин матлаб посух пайдо мекунед.**

# ТИРАМОҲ

## Чаро мӯйи сар мерезад?

### НОРАСОИИ САФЕДА

Аз рӯи меъёр дар як рӯз бояд то 100 ё 50-70 тори мӯйи инсон резад, вале охири фасли тирамоҳ ва оғози зимистон рехтани мӯй зиёд мегардад. Гап сари он аст, ки дар фасли тобистон афзоиши мӯй аз андоза зиёд мегардад ва дар арафаи зимистон мӯйи зиёдатӣ мерезад. Сабаби дигари рехтани мӯйи сар норасоии сафедаҳост.

Мо дар фасли тобистон бо сабаби бештар меваву сабзавот хӯрданамон сафедаро хеле кам қабул мекунем. Барои ислоҳи ин ҳолат бештар гӯшти гову гӯсфанд, панир, фалла ва дигар маҳсулоти шириро истеъмол намоед.

### САРИ ЛУЧ НАГАРД

Дар ҳавои сард низ бонувони зиёдеро мебинем, ки сари луч мегарданд. Яке намехоҳад ороиши мӯяш вайрон шавад, дигаре гумон мекунад, ки рӯймоли ғафсу каллапӯшҳо зебанда нестанд. Трихологон -мутахассисони соҳаи солимии мӯйҳо ҳушдор медиҳанд, ки дар ҳавои сард сари луч гаштан оқибатҳои нохуш дорад. Ҳавои сард барои мӯйҳо стресси калон аст. Вақте мо ба берун дар ҳавои сард бо сари луч мебароем, рагҳои сар яку якбора танг мешаванд. Дар натиҷа гардиши хун халал ёфта, решаҳои мӯй ғизои даркориро намегиранд ва резиши мӯй зиёд мегардад. Қисми зиёди бонувон барои он аз каллапӯшҳои ғафс худдорӣ менамоянд, ки мӯй дар зери он зуд ифлос мешавад. Сар дар дохили каллапӯш чун дар ҳаммом аст, пӯст нафас намекашад, арақ мекунад, равғанин мешавад. Ҳавои гарму намӣ боиси паҳншавии микроорганизмҳо мегардад ва сабӯсаки сару хориши пӯст зиёд мешавад. Каллапӯши танг боиси заифии мӯйҳо мегардад.

### МУБОРИЗА БО ҲАВОИ ХУШК

Тамоми тачҳизоти хонагармкунӣ, аз қабили радиатор ва кондитсионерҳо мӯйи сарро сахт хушк месозанд. Аз рӯйи меъёр дар таркиби мӯйҳо аз 10 то 15% об аст, тачҳизоти хонагармкунӣ ними ин намиро аз мӯй кашида мегиранд. Бо фен хушконидани сар ҳолати мӯйҳоро табохтар месозад. Аз ин ҷост, ки мӯй ба рехтан медарояду берангу бечило мегардад. Барои рафъи ин ҳолат дар хонаҳо асбоби ҳаворо нармкунанда гузоштан лозим аст. Ин техникаи хонагиро аз мағозаҳо дастрас карда метавонед. Латтачаҳоро дар об тар карда, дар ҳар чои хона овехтан низ муфид аст. Аз фен хеле кам истифода баред. Рафту бе фен наметавониста бошед, аз ҳарорати начандон гарми он истифода бурдаву мӯйро пурра нахушконед. Камбудии обро бо истифода аз косметика барои мӯй барқарор кардан лозим аст - шампунҳои нармкунанда, балзамҳо, кондитсионерҳо, тоникҳо. Ниқобҳои иборат аз сафеда, силикон, равғани растанӣ, алгинатҳо, хитозан ва аллантоин мӯйҳоро мулоим, нафис ва ҷилодор месозанду ҳар як тори мӯйро ҳифз намуда, мустаҳкам мегардонанд.

### НИҚОБ БАРОИ МӮЙ

**Барои мубориза бурдан бо хушкӣ ва баркарорсозии мӯйҳо аз ниқобҳои зерини хонагӣ истифода бурдан мумкин аст:**

*1. Зардии як дона тухмро бо 2 қошуқ коняк лат зада, ба он 2 қошуқ равғани мушхор илова кунед. Маҳлули тайёршударо ба пӯсти саратон молида, боқимондаашро ба мӯйҳо молед. Сарро бо рӯймол ва сачоқ печонед, 20 дақиқа пас метавонед саратонро шӯед.*

*2. Як қошуқча ҳардали хушкро бо 2 қошуқ кефир лат зада, 1 қошуқ равғани зайтун ва зардии 1 тухмро илова кунед. Маҳлулро ба мӯйи тар молида, бо салафан ва сачоқ печонеду баъди 15 дақиқа мӯятонро бо шампун шӯед. Ниқоб гардиши хунро дар пӯст хубтар намуда, решаҳои мӯйро ғизо мебахшад.*

*3. Як қошуқ шарбати саброро бо 1 қошуқ асал ва як қошуқча равғани беданҷир омехта намуда, маҳлулро ба решаҳои мӯятон моледу ним соат нигоҳ доред. Баъдан мӯятонро бо шампун шӯед.*

# Толеънома



### Ҳамал
*21.03 - 20.04*

Аввали ҳафта корҳоятон зиёд мешавад. Бояд барои анҷом додани кори аввалиндараҷа ва серталаб омода бошед. Агар аз ухдаи вазифаҳои ба зиммаатон гузошташуда баромада тавонед, ба даромади хуб умед баста метавонед.



### Савр
*21.04 - 21.05*

Рӯзи душанбе зодагони мучали савр имкони беҳтар сохтани вазъи молиявии худро пайдо мекунанд. Метавонед хариди калон кунед ё қарз гиред. Миёнаи ҳафта ба шумо неруи дучанд мебахшад. Рӯзҳои истироҳат каме серташвиш меоянд.



### Ҷавзо
*22.05 - 21.06*

Аввали ҳафта табъатон болидаву неруятон дучанд мегардад. Дар ин рӯзҳо аз паси корҳои мушкил шуда, онҳоро бе ягон талошу сари вақт ба анҷом расонед. Аз рӯзи панҷшанбе то рӯзи шанбе ба сарчашмаҳои нави даромад, имкониятҳои нави пулкоркунӣ диққат дихед.



### Саратон
*22.06 - 23.07*

Ҳафта барои зодагони мучали саратон чандон душвор намеояд. Аз харочот кардану пеш омадани вазъиятҳои ногаҳонӣ натарсед. Дар ҳаёти шахсӣ аз зодагони ҷинси муқобил диққати бештар эҳсос мекунед. Аксарияти мучаррадон бо нафаре робита пайдо мекунанд.



### Асад
*23.07 - 22.08*

Рӯзи душанбе дар чои кор бо тамоми қувва аз сар задани ҷангу муноқиша худдорӣ намоед. Ба моҷарои бегонаҳо ҳамроҳ нашавед, хусусан бар зидди роҳбарияти коргоҳатон сухане нагӯед ё амале анҷом надиҳед.



### Сунбула
*23.08 - 22.09*

Рӯзи аввали ҳафта барои рафъ намудани мушкилоти гуногун ва корҳои судӣ мусоид аст. Дар ин муддат бо ягон кори муҳим машғул нашавед, хусусан дар соҳаи тиҷорат ва ҳаёти шахсӣ. Саломатиро эҳтиёт кунед, хатари шамол хӯрданатон вучуд дорад.



### Мизон
*25.09 - 22.10*

Зодагони мучали мизон лаванду бечуръат ва аз дунё дилмонда мешаванд. Дар чои кор хеле бодиққат буданатон лозим аст, уҳдадориҳоятон меафзояд. Рӯзи сешанбе ва чоршанбе бобарор меоянд, ба шарте ки танбаливу шубҳаро аз худ дур созед.



### Ақраб
*23.10 - 22.11*

Рӯзи аввали ҳафта ба эҳсосот дода нашавед, эътирозу норозигии шумо нисбати роҳбарияти коргоҳ ё наздикон на танҳо боиси вайроншавии муносибат мегардад, балки ба касбу коратон низ таъсири худро мерасонад. Ҳафта ба шарте бобарор меояд, ки ташаббускор бошед.



### Қавс
*25.11 - 21.12*

Аз зиндадиливу табъи болидаи зодагони мучали қавс дар ин ҳафта осоре наменомонад. Аксаран бо корҳое машғул мешавед, ки имкони амалӣ шуданро надоранд. Нафароне, ки бо тиҷорат машғуланд, корҳои муҳими худро ба ҳафтаи дигар гузоштанашон лозим аст.




### Ҷаддӣ
*22.12 - 20.11*

Рӯзи душанбе зодагони мучали ҷаддиро лозим аст, ки ба мушкилоти ҳаёти шахсии худ диққати хоса зоҳир намоянд. Нафароне, ки ҳанӯз оила бунёд накардаанд, шубҳаву бечуръатиро аз худ дур карда, ба чустучӯи бахт бароянд. Аввали ҳафта дар интихоби бахт ғалат нахоҳед кард.



### Далв
*21.01 - 19.02*

Рӯзи аввали ҳафта худхоҳиро аз худ дур намуда, нисбати камбудиҳои шахси дӯстдошта ё ҳамсафари ҳаётӣ ботаҳаммул бошед, эҳтимоли сар задани муноқишаву низоъ вучуд дорад. Дӯстдоштаатон ба мехрубониву диққати шумо ниёзи бештар дорад.



### Ҳут
*20.02 - 20.03*

Рӯзи душанбе зодагони мучали ҳут бояд хеле фаъол бошанду танбалии худро рафъ намоянд. Рӯзи сешанбе нафарони оиладор дучори нофаҳмиву якравии ҳамсафари ҳаётӣ мешаванд. Нафарони мучаррад дучори танқиду эроди дӯстдоштаи худ мегарданд.

# 37 ФАРЗАНД ВА МИЛЛИОНҲО ДАР БОНК

**(Аввалаш дар саҳ. 9)**

Тоҷи дувумро бошад, ба Муҳаммад Нодиршоҳ тақдим намуд. Тоҷи сеюм бошад, барои дастгирии муҷоҳидон, ки барои озодӣ мечангиданд, фурӯхта шуда, маблағи он барои харидани аслиҳа, асп ва дигар тачҳизот истифода гардид.

Ба навиштаи Саид Мансур Олимӣ, бо маблағи танҳо як чунин тоҷ метавонистанд даҳҳо мисли қалъаи Фатҳро харидорӣ кунанд.

Илова бар ин, тибқи гузориши ахбори Кобул дар моҳи январи соли 1927, ҳукумати Афғонистон ба Амир Олимхон 14 500, ба Шермуҳаммадбек 1 000, ба Иброҳимбек 500 ва ба Фузайл Махсум 400 рупия нафақа таъин карда буд.

## АМИРИ ЗИНДОНӢ

Муаллифи рисолаи "Бухоро - гаҳвораи Туркистон" Саид Мансур Олимӣ дар баробари ин аз душвориҳои ғурбат низ менависад. Ӯ мегӯяд, ки гарчанде амирони Афғонистон бо падараш муносибати нек ва самимӣ доштанд, озодиҳои ӯро маҳдуд карда буданд. Ба навиштаи ӯ, Амир наметавонист ҳатто озодона аз ҷое ба ҷое ҳаракат кунад. "Танҳо дар давраи кӯтоҳи ҳукмронии Бачаи Сақо (9 моҳ) Саид Олимхон ҳуқуқ пайдо кард, ки дар қаламрави Афғонистон бо озодӣ гаштугузор кунад",- менависад ӯ.

Саид Мансур менависад, ки ҳатто дар замони ҳукмронии Муҳаммад Нодиршоҳ фарзандони Амир Олимхон, ки дар Афғонистон таваллуд шуда буданд, аз ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти олӣ маҳрум буданд. Онҳо наметавонистанд аз як шаҳр ба шаҳри дигар кӯчанд ва ба онҳо иҷозаи харидории заминну моликият надода буданд.

## ПАРВАНДАИ "ОЛИМХОН АҲАДХОНОВ"

Саид Мансур Олимӣ дар навиштаҳояш Амонулло-хон, Муҳаммад Нодиршоҳ ва Зоҳиршоҳро ба хиёнат ба миллат айбдор карда, онҳоро "фурӯхташуда ба коммунистҳо" меномад. Ва ҳатто бо ришханд ишора мекунад, ки ҳатто маош ва харҷоти Амири Бухоро, ки аз ҷониби Амонуллохон ҷудо шуда буд, аз тарафи коммунистони Шуравӣ пардохт мешуд.

Вале ҷойи дигар Саид Мансур менависад, ки амири Афғонистонро мефаҳмад, зеро барои онҳо ҳам душвор буд, зеро паноҳгоҳ додан ба Амири Бухоро, ки Шуравӣ таъқиб мекард, осон набуд. Ӯ менависад, ки шуравӣ борҳо талаб кардааст, то Амир Олимхон ва ҳамроҳонашро таслими онҳо кунанд, вале Амонуллохон рад мекунад.

Вале аз навиштаҳои дигар муаррихон маълум аст, ки Ҳукумати Шуравӣ фаъолияти Амирро дар Кобул зери назорат дошт. Хадамоти кашшофии шуравӣ ба мукобили «Олимхон Аҳадхонов» парвандаи махсусе доштанд, ки фаъолияти амир ва атрофиёнашро пайгирӣ мекарданд. Дар як гузориши соли 1927 гуфта мешавад: «Амир дар моҳи декабр бо зани ҳаштумаш ба манзилаш дар Ҷалолобод рафт. Дар ҳамин рӯзҳо Шермуҳаммадбек ба Қозӣ Ҷонибек нома фиристод. Фузайл махсум бо Шермуҳаммадбек робитаи дӯстона дорад. Онҳо қасд доранд неруҳояшонро муттаҳид намуда, дубора ба ИҶШС ҳуҷум кунанд. Вале миёни Иброҳимбек ва Лақай ихтилоф вуҷуд дорад. Англисҳо мехоҳанд бо миёнаравии Амир Олимхон ва Ҳошим Шоиқ ҳамаи онҳоро муттаҳид созанд. Мо барои шиддат бахшидани низоъ миёни онҳо ҳамаи чораҳоро меандешем».

## АМИРИ ФИРОРӢ БА ЧӢ КОР МАШҒУЛ БУД?

Саид Мансур Олимӣ дар бораи падараш бо меҳр ҳарф мезанад (ва ин табиист). Ӯ менависад, ки падараш ба фалсафа ва адабиёт алоқа дошт, махсусан осори Мирзо Бедилро мехонд. Дар қалъаи Футуҳ шабҳои "Бедилхонӣ" ва шабҳои шеърхонӣ баргузор мекард.



*Рӯзноманигорони нашрияи "Вашингтон Пост" барои гирифтани мусоҳиба аз амири собиқи Бухоро — Амир Олимхон омадаанд. Кобул, соли 1930.*



*Олимхон бо падараш Амир Абдулаҳадхон (Оҷиз)*

Ӯ менависад, ки падараш дар шаҳри Кобул, миёни як дастаи футболи меҳмон ва дастаи муҳоҷирони ӯзбек бо номи "Турон" мусобиқаи футбол ташкил намуда, ба бозингарони беҳтарин туҳфаҳо тақдим карда буд.

Ӯ мегӯяд, ки падараш ҳамеша сари худро бо салла мепечонид ва тибқи анъанаҳои шарқӣ либоси миллӣ мепӯшид.

Муаллиф ёдоварӣ мекунад, ки падараш ба тарбияи фарзандон таваҷҷуҳи вежа зоҳир мекард. Ҳатто барои омӯзонидани забонҳои инглисӣ ва урду ба фарзандонаш, Амир Олимхон аз шаҳри Мурободи Ҳинди Британия ду омӯзгор бо номи Хӯҷа Раҳматулло ва Хӯҷа Карематуллоро ба кор гирифт. Вале дертар маълум шуд, ки онҳо ҷосусони англис будаанд...

Саид Мансур менависад, ки падараш ҳамеша дар ёди Ватан буд. Ӯ соли 1943 ба нахуствазири Афғонистон Аҳмадшоҳ гуфтааст: «Аз омаданам ба Афғонистон 23 сол гузашт. Дар ин муддат ғарибӣ ва мусибатҳои зиёдеро паси сар кардам. Вале ёди Ватан ҳеҷ гоҳ қалбамро тарк накард. Бо ёди Ватан зистам ва бо ёди Ватан хоҳам мурд».

## ФАРҶОМИ ЗИНДАГӢ

Амири охирини Бухоро - Сайид Олимхон дар охири умраш дучори бемории вазнин шуда, босуръат нобино мегардад. Баъди муддати тӯлонии беморӣ, ӯ рӯзи 28-уми апрели соли 1944 дар Қалъаи Футуҳ вафот мекунад ва дар оромгоҳи "Шаҳидони Ислом", воқеъ дар наздикии шаҳри Кобул, ба хок супурда мешавад. Ҳоло авлодони Амир Олимхон дар Афғонистон, Туркия, Эрон, ИМА, Канада, Арабистони Саудӣ ва кишварҳои аврупоӣ зиндагӣ мекунанд.

## БОРИ ДИГАР ДАР БОРАИ КИТОБ

Китоби Саид Мансур Олимӣ - "Бухоро - гаҳвораи Туркистон" асари арзишманди таърихӣ аст. Он фақат хотираву ёддошт нест, балки муаллиф зимни таълифи он ба асарҳои илмиву таърихӣ, аз ҷумла "Таърихи Салимӣ"-и Мирзо Салимбек, «Туркистон»-и Обидшоҳ Пурӣ, «Туркистон дар гузашта»-и У. Саромӣ, «Ҳақиқати талхи Туркистон»-и З. Валидӣ, «Осиёи Марказӣ - мустамликаи болшевикон» -и Сайид Расул, «Сурхҳо»-и Х. Холидӣ, «Ҳатто аз рӯбоҳ ҳам маккортар»-и Халилулохон, «Зиндони ҷаҳон»-и С. Тарозӣ ва даҳҳо китобу рӯзномаву маҷалла истифода кардааст. Гарчанде ӯ на ҳамеша ба аъмоли падару бобоёнаш баҳои холисона медиҳад, вале ин табиӣ аст, ки фарзанд дар бораи падараш ҳарфи бад навишта наметавонад.

Тавре ишора шуд, асли китоб бо забони тоҷикӣ (форсӣ) таълиф ва нашр шудааст. Бародарони ӯзбек арзиши онро дарк карда, тарҷумаву чоп карданд. Вақти он аст, ки ин китоб ба забони асл, яъне тоҷикӣ дар Тоҷикистон низ нашр ва дастраси аҳли илм гардад.

**Одил НОЗИР**

## МАВЛУДНОМА

### 4 СЕНТЯБР

**Обид Исматӣ** (1905-1945), 120-солагии зодрӯзи шоир.

**Элеонора Ишоншо** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Абурайҳони Берунӣ**, Рӯзи гиромидошти хотираи олими энсиклопедисти форс-тоҷик.

### 5 СЕНТЯБР

**Қамар Абдуллоев** (1940), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Ҳусниддини Зулфон** (1945), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Октябрина Ҳабибуллоева** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Камоли Хуҷандӣ**, Рӯзи гиромидошти хотираи шоири маъруфи форс-тоҷик.

### 6 СЕНТЯБР

**Ҳоҷӣ Аҳмадов** (1910-1988), 115-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Ғафлат Мирзоев** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Михаил Никулин** (1945-1998), 80-солагии зодрӯзи журналист.

### 7 СЕНТЯБР

**Неъматулло Абдуллоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Михаил Логинов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Неъматҷон Набиев** (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

### 8 СЕНТЯБР

**Мавҷуда Муродова** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Владимир Чекатунов** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Мавлон Шамсиев** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

### 9 СЕНТЯБР

**Муҳаммад Қулматов** (1905-1972), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Анатолий Лунёв** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи астрофизика.

**Раҳим Устоев** (1940-1976), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи психология.

### 10 СЕНТЯБР

**Шарофат Ғуломова** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Назришо Сӯфиев** (1935), 90-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Муҳаммадӣ Ҳамроев** (1925), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Давлатмоҳ Юсуфова** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар
ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №823, ба номи Сидиқов Абдусатор Бебудович, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-Қалъа, қишлоқи Зимчирӯд, 12.10.2012, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-204, аз 10.10.2012, ба номи Сидиқов Абдусатор Бебудович, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-Қалъа, қишлоқи Зимчирӯд, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши Литери 3А1/сб хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1-5853 аз санаи 22.07.2024, ба номи Ширинов Муродали Игиталиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, 4-гузаргоҳи кӯчаи Р. Амакӣ, хонаи 2а, хонаи истиқоматӣ таҳти литери 3А1/сб, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Хотамова Ҷиёнгул Норқулоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 63/2, ҳ. 26, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартнома оид ба ҳуқуқи моликияти супоридани квартира ба номи Тураева Саёҳат Саидамировна, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 25, ҳ. 48, соли 2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, Т-ШТА №0158900, ба номи Ҳақназарзода Ганҷинаи Иброҳим, ки соли 20.06.2007 аз ҷониби МТМУ №33-и ноҳияи Варзоб, ҷамоати Айнӣ дода шудааст, аз сабаби нодуруст пур карда шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи нафақавӣ, №03528, аз санаи 10.01.2008, ба номи Тихомирова Ольга Николаевна, ки аз ҷониби ФУ МВД РТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ, ДМО №0009862, ба номи Шарипова Шаҳло Абдуғафоровна, соли хатм 31.05.2004, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, ТАТУ №0396653, ба номи Мухторов Каримҷон Раҳимович, Гимназияи ба номи А. Ғуломов, соли таҳсили 2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ дараҷаи А №0049778, аз 27.04.2017, рақами қайд №1832/17, ба номи Неъматов Нажмиддин Тағоевич, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Ҳаёти Навбаҳор, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин дараҷаи БҚ№0713895, таҳти №19369, аз 25.05.2009, ба номи Расулов Қурбонали, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, деҳаи Арбобхотун 11/401, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Ходжаев Маҳмаднаби Ятимович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Дилкушо 26, ҳ. 70, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02629744, ба номи Наримонов Мухиддин Худоёрович, ки санаи 02.11.2019 аз ШВКД-1 ноҳияи Сино, ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03781718, ба номи Бибисорои Давлат, ки санаи 09.08.2021 аз ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А00020969, ба номи Қурбонов Дилшод Сафаралиевич, ки санаи 25.09.2014 аз ШВКД ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Асоева Фарзона Ҳайдаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак 14, ҳ. 199, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01867743, ба номи Абдуҷабборов Хайрулло Насруллоевич, ки санаи 13.04.2019 аз ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ, ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ ва иқтибоси бақайдгирӣ, №104333, аз санаи 01.09.2023, ба номи Одинаев Фазлиддин Каримович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2, хонаи 47-48, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №01081 ба номи Нуриддинзода Зафари Саидбек, ки соли 2024 аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0120265, рақами қайд №689, ба номи Ғуломов Довудхон Шарафидинович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТА №0769433, ба номи Раҷабова Махфират Шукруллоевна, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №13-и ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ХМ №060491 ба номи Ғафуров Фируз Раҷабалиевич, ки соли 2024 аз ВКД ҶТ дар вилояти Хатлон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Эшонкулов Тошмухаммад, РЯМ: 0730000178, РМА: 075253422, ки аз 14.07.2009 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳоданомаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Рахматуллоева Ханифа, РЯМ: 0730158147, РМА: 075188895 аз санаи 11.01.2018 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳоданомаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Урозова Шаҳноза, РЯМ: 0730198627, РМА: 076252492, аз санаи14.02.2010, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Махамадиева Гулсора, РЯМ: 0730226567, РМА: 075745375, аз санаи 20.01.2023, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Саидов Шоҳҷаҳон, РЯМ: 0730230765, РМА: 075974990, ки аз 26.07.2023 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҷабов Маҳмадали, РЯМ: 0730174995, РМА: 075443474, аз санаи 13.08.2015, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами инвентарӣ №228734, ба номи Давлятов Баҳодур, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Чоряккорон, хонаи 90, санаи 24.04.2023, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба номи Юсупова Замира Анварҳоновна, ки он аз тараффи МТМУ №79, шаҳри Душанбе, 2 июли соли 2012 дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шиносномаи техникии гумшуда бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ, 39/4, кв. 13 аз эътибор соқит дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ «Сафия Пазанда», №0309732, РЯМ: 0410046542, РМА: 040069475, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Соҳибкори инфиродӣ ба номи Бадалова Шоҳсанам Муҳамаджон қизи, №0646591, РЯМ: 0130220466, РМА: 128230525, фаъолияташро қатъ менамояд.

## МЕФУРӮШАМ

► 2-ҳуҷрагӣ, 52 м.м., қабати 3, бинои 5-ошёна, дар ФР, Тульская область, пос. Волово, 1 800 000 руб. Тел.: +7920-111-21-95 (ватсап), 558-12-22-20

**Зодрӯз муборак!**

Дӯсти азизи мо, апаи Назирачон! Шуморо бо рӯзи зодрӯзатон табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок бароятон тансиҳатӣ, сари баланд ва дар кору фаъолиятатон комёбиҳои беназирро таманно дорем.

**Аз номи дӯстон**



## ЭЪЛОН

**Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ барои соли таҳсили 2025-2026 ба вазифаҳои зерин омӯзгор қабул менамояд:**

*- фанни забонӣ русӣ;*
*- тарбияи ҷисмонӣ;*
*- технологияи дорусозӣ:*
*- кори ҳамширагӣ:*
*- химия;*
*- биология;*
*- забони тоҷикӣ;*
*- кори лабораторӣ.*

*Талабот ба довталабон:*

*- доштани таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи ихтисос;*
*- маҳорати хуби методӣ ва кор бо донишҷӯён;*
*- истифодаи технологияҳои муосири таълим.*

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои пешниҳоди довталабон:**

*1. Ариза;*
*2. Нусхаи диплом;*
*3. Тарҷумаи ҳол;*
*4. Нусхаи шиноснома;*
*5. Ду адад акс (3х4).*

**Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо: то санаи 3-юми сентябр.**

## ТАЪЗИЯ

Роҳбарият ва аҳли кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бинобар даргузашти ҷонишини директор оид ба илм ва таълими институт, доктори илмҳои таърих, профессор **Иброҳимов Муродалӣ Файзалиевич** сахт андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил мехоҳанд.

## CAFA 2025

# ШИКАСТ ВА ПИРӮЗИИ ДАСТАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДУ БОЗИИ АВВАЛ

**Дар Ҳисор дувумин мусобиқаи CAFA Nations Cup таҳти сарпарастии Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ оғоз шуд, ки дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар як бозӣ мағлуб ва дар бозии дигар пирӯз шуд.**



Мусобиқа бо вохӯрии дастаҳои мунтахаби Эрон ва Афғонистон, ки дар гурӯҳи “В” бо Тоҷикистону Ҳиндустон бозӣ мекунанд, шуруъ шуд. Дар ин бозӣ Афғонистон аввалин шуда ҳисобро кушод, аммо дар охир бо ҳисоби 1:3 мағлуб шуд.

Дар бозии дуюм тими миллии Тоҷикистон бо дастаи мунтахаби Ҳиндустон вохӯрд. Ин бозӣ бе бартарии тарафҳо, аммо ба фоидаи дастаи Ҳиндустон ба анҷом расид. Шогирдони Гела Шекиладзе бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуданд.

Дар гурӯҳи «А» дастаҳои Туркманистон бо Қирғизистон ва Ӯзбекистон бо Уммон дар Тошканд бозӣ карданд. Ҳарду бозӣ бо ҳисоби мусовии 1:1 ба охир расид.

Дар даври дуюм дар гурӯҳи «В» Эрон бо ҳисоби 3:0 Ҳиндустонро шикаст дод, Тоҷикистон бо натиҷаи 2:0 Афғонистонро мағлуб кард. Дар гурӯҳи «А» Ӯзбекистон бар Туркманистон бо ҳисоби 2:1 ва Уммон бар Қирғизистон низ бо ҳамин ҳисоб пирӯз шуданд.

## ФУТЗАЛ

# «СИПАР» ПЕШСАФИРО АЗ ДАСТ НАМЕДИҲАД

**Даври чоруми Суперлигаи футзали Тоҷикистон бо бозиҳои диданӣ ва голҳои бешумор паси сар шуд.**



КМВА дар ин давр бо ҳисоби бузург бар «Регар» пирӯз шуд. Дастаи артиш бозии пуршиддат ва барқосо нишон дода, бо ҳисоби 10:0 пирӯз шуд ва мавқеи худро дар миёнаи ҷадвал мустаҳкам кард. Дар бозии дигар «Амонатбонк» бо ҳисоби 12:2 бар «Равшан» пирӯз шуд ва ба гурӯҳи дастаҳои талабгори плей-офф ворид гардид.

«Соро Компания» дар як бозии пуршиддат ва заҳматталаб бо ҳисоби 3:2 дастаи «Сомон»-ро шикаст дод ва дар зинаҳои болоии ҷадвал мавқеъ гирифт.

Бозии марказии давр байни дастаҳои «Истиқлол» ва «Сипар» буд, ки дуюмӣ пешсафии худро аз даст надод ва бо ҳисоби 2:1 3 имтиёзро ба Хуҷанд бурд.

Дар вохӯрии даври панҷум «Истиқлол» бо ҳисоби 9:2 бар «Регар» пирӯз шуд. Ҳоло «Истиқлол» ва «Соро» дар зинаҳои дуюму сеюм бо 10-имтиёзӣ қарор доранд ва бозии байнихудии онҳо дастаи мавқеи дуюми ҷадвалро маълум хоҳад кард.

«Регар» ягона дастаест, ки то ҳол имтиёз ба даст наовардааст. «Сомон» ва «Равшан» дастаҳое ҳастанд, ки 3-имтиёзӣ доранд ва дар зинаҳои пеш аз охири ҷадвал ҳастанд.

## ҶУДО

# МЕДАЛИ НУҚРАИ ЛОИҚ ҚУТБУДДИНОВ АЗ SOFIA WORLD CHAMPIONSHIPS CADETS 2025

**Ҷудокори тоҷик Лоиқ Қутбуддинов дар вазни 60 кг дар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни кадетҳо-2025, ки аз 27 то 30-юми август дар пойтахти Булғористон - шаҳри София баргузор шуд, медали нуқра ба даст оварад.**



Ҷудокори ҷавон як қатор пирӯзиҳои дурахшон ба даст оварда, ба финал баромад ва дар муборизаи ҳалкунанда аз намояндаи Қазоқистон Ернур Батургалӣ мағлуб шуд. Ӯ дар даври 1-ум бар Несторас Хоҷиённис аз Қибрис, дар даври 2-юм бар Муҳаммад Амини алҷазоирӣ, дар ҳашякниҳоӣ бар Лиам Кеслери америкоӣ, дар чорякниҳоӣ бар Артак Азарумяни эстонӣ, дар нимниҳоӣ бар Тоа Хашимаи ҷопонӣ зафар ёфт.

Муборизаи ниҳоӣ бо Батургалӣ бо шикаст анҷом ёфт, аммо маҳз ҳамин медали нуқра ба дастоварди таърихӣ табдил ёфта, мавқеи дзюдои тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам кард.

Дар ин мусобиқа беш аз 550 варзишгар аз 71 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла дастаҳои пешсаф аз Ҷопон, Фаронса, Бразилия, Кореяи Ҷанубӣ, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ширкат доштанд.

Ба ҳайати дастаи Тоҷикистон Ҳайдар Маҳмадшарифов (55 кг), Лоиқ Қутбуддинов (60 кг), Муҳаммадёсин Сулаймонов (66 кг), Бобоҷон Шарофов (73 кг), Абубакр Абдуҷалилзода (81 кг) ва Мадина Қурбонзода (52 кг) шомил буданд.

Намояндаи ягонаи Тоҷикистон дар байни духтарон Мадина Қурбонзода (52 кг) мусобиқаи хуб гузаронида, дар ҷаҳон ҷои панҷумро касб кард. Ҳайдар Маҳмадшарифов (55 кг) дар ду қувваозмоӣ бар Тонга Хоу Ҳой аз Макао ва Марсел Тумонбоев аз Қирғизистон пирӯз шуд, вале дар даври сеюм аз Маҳмадалӣ Хусиеви озарбойҷонӣ шикаст хӯрд.

## ФУТБОЛ

# ҲАРИФОНИ «РЕГАР-ТАДАЗ» ДАР ЛИГАИ ДАЪВАТИ AFC 2025/26 МАЪЛУМ ШУДАНД

**Дар Куала-Лумпур (Малайзия) қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи даъвати Конфедератсияи футболи Осиё (КФО) барои мавсими 2025/26 баргузор шуд, ки дар он ҳарифони “Регар-ТадАЗ”-и Тоҷикистон маълум шуданд.**




Таркиби гурӯҳҳои Лигаи даъвати AFC 2025/26

Бошгоҳи Турсунзода дар гурӯҳи «С» ҷойгир шуда, бо дастаҳои «Мурас Юнайтед» (Қирғизистон), «Сафо» (Лубнон) ва «Ал-Арабӣ» (Кувайт) рақобат мекунад. Тибқи тақвим, бозиҳои гурӯҳӣ рӯзҳои 25, 28 ва 31-уми октябр дар Қирғизистон баргузор мешаванд.

Гурӯҳи «А»: «Алтин Асир» (Туркманистон), «Абдиш-Ата» (Қирғизистон), «Паро» (Бутан, мизбон), «Аш-Шабоб» (Уммон).

Гурӯҳи «В»: Кувайт (Кувайт, мизбон), Ал Сиб (Уммон), «Ал Ансор» (Лубнон), «Башундҳара Кингз» (Бангладеш).

Гурӯҳи «С»: «Регар-ТадАЗ» (Тоҷикистон), «Мурас Юнайтед» (Қирғизистон, мизбон), «Сафо» (Лубнон), «Ал-Арабӣ» (Кувайт).

Дар гурӯҳи D бозиҳо дар минтақаи шарқӣ ва гурӯҳи Е барои клубҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ташкил карда шудаанд.

## РЕЗААХБОР



Дар як ҳафта се мураббии шинохтаи футбол, ки ҳар се пештар дар клуби футболи «Манчестер Юнайтед» кор кардаанд, аз вазифаашон дар клубҳои аврупоӣ озод карда шуданд. Сулшер аз «Бешиктош»-и Туркия баъд аз шикаст аз «Лозанна» дар даври плей-оффи Лигаи конференс, Моуринйо аз «Фенербахче»-и Туркия баъд аз мағлуб шудан аз «Бенфика» дар даври плей-оффи Лигаи чемпионҳо ва Тен Хаг аз «Байер Леверкузен» баъд аз оғози нобарор дар чемпионат ҷавоб дода шуданд.

***

Дар Лигаи якуми футболи Тоҷикистон бозиҳои даври 16-ум баргузор шуданд. «Норак» дар майдони худ аз «Мастчоҳ» бо ҳисоби 3:5 мағлуб шуд. «Шодмон бар «Саразм» бо ҳисоби 2:1 ва «Сомон» бар «Сарҳадчӣ» бо ҳисоби 1:0, «Сардор» бар «Вахдат» бо ҳисоби 5:0, «Саройкамар» бар «Исфара» бо ҳисоби 12:0, «Парвоз» бар «Душанбе» бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуданд. Бозии «Моҳир» ва «Рангон» 1:1 хотима ёфт. Ҳоло «Парвоз» бо 43 имтиёз пешсаф аст. «Моҳир» ва «Сардор» 33-имтиёзӣ доранд ва дар зинаҳои дуюму сем ҳастанд.

***

2-юми сентябр дар Қасри теннис ва маҷмааи варзиши обии шаҳри Душанбе Мусобиқаи байналмилалии шиноварӣ оғоз шуд. Мусобиқаи байналмилалӣ бо ҷалби беш аз 100 варзишгар аз 6 кишвар - Тоҷикистон, Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Беларус то 4-уми сентябр идома мекунад. Ин мусобиқа ба ифтихори ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

***

Марҳилаи интихобии Ҷоми футболи Осиё-2026 миёни наврасони то 23-сола дар гурӯҳи «К» 3-юми сентябр дар Душанбе шуруъ шуд. Тимҳои Тоҷикистон, Сурия, Филиппин ва Непал барои роҳхати қисми ниҳоии ин мусобиқа мубориза мебаранд. Ғолибони 11 гурӯҳи интихобӣ ва инчунин чаҳор дастаи беҳтарини ҷойҳои дуюм ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 (U-23), ки аз 7 то 25-уми январ дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, роҳ меёбанд.




*Се латифа дар як мавзуъ*

## ХДО БДИМ, КАМ БДИМ...

02.09.2025. Соат ба вақти Душанбе 11:17 дақиқа. 1 нафар занг задаву гуфт, ки аз Ванҷ аст ва хоҳиш кард: “Ҳу ҳамон байте, ки дар истироҳатгоҳи Хоҷа Оби Гарм хондед, такрор кунед, бо дӯстон нишастаем”. Гуфтам кадом байт? Гуфт, ҳамоне (айнан), ки “Хдо бдим, кам бдим, бисо надиме, неким каму постоянно бдим...”.

Хандидаму гуфтам:

*Ризқ ончунон хуш аст, ки кам-кам фитад ба даст,*
*Заҳр аст рӯзие, ки ба якбор мерасад...*

Гуфт: “Э ёфтиш!!!”.

Аз ин дида дигар касе тафсири ин байти Соибро кардан битвонад?

Гумон!!!

**Сайёфи МИЗРОБ**

## ТАҚ-ТАҚИ ДАРВОЗА

Дар як маҳфили худӣ - коркунони комсомолӣ нишаста будем. Дамир базмгар буд.

Яке аз кормандони масъул аз Дамир хоҳиш кард:

- Ҳамон байда бгир!...
- Кадомша?,- пурсид Дамир.
- Ҳо...
- Ку, як мисраъашро бигӯ?
- Ҳо, шиштагияй, ки дара трақ-трақ мезанан-ку...

Дамир як табассум оварду дардод:

- Шишта будум, ними шаб, тақ-тақи дарвоза шид...

**Саидҷалол САИДОВ**

## БА ТИРЕЗА МЕДАРОЯД

Солҳои баъди ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар як маърака бо ҳамкорон нишаста будем. Хабар ёфтем, ки яке аз кормандонамон бо ду кӯдак аз шавҳараш ҷудо шудааст. Ҳамаи он шахсоне, ки дар он маърака нишаста буданд, маслиҳат доданд, ки шароит вазнин асту боз хотири кӯдакон дубора зиндагиро оғоз намоянд.

Зан ҳеҷ розигӣ намедод ва хоҳиши бо шавҳараш буданро надошт. Сабаб пурсидам. Ғамгин тарафам нигоҳ карду гуфт:

- Ҳамон шеър ҳаст ку, ба дар намедарояду ба тиреза омада бори дигар фиреб карда меравад, шавҳари ман ҳам мисли ҳамон аст. Илтимос, маҷбур накунед.

Шеъре, ки ӯ дар назар дошт, ба ёдам омад:

*Бовар макун бар ошиқе,*
*К-аз мӯрӣ ояд, на ба дар.*
*Оне ки як борат фурӯхт,*
*Бифрӯшадат бори дигар...*

**Бозоргул КАРИМЗОДА**

## МАКТУБ

Марде бепул монда, мактуб менависад:

- Худоё, агар ҳозир 100 сомонӣ нафиристӣ, худро меовезам ва коғазчаро аз тирезаи хонааш ба берун мепартояд.

Дар ин ҳангом милисае мактубро ёфта, худ ба худ мегӯяд:

- Ин мардак агар дар маҳаллаи ман худкушӣ кунад, дар бало мемонам.

Кисаашро кофта, 50 сомонӣ бурда, ба мард медиҳад.

Мард пулро гирифта, дубора мактуб менависад:

- Худовандо, дигар пулро ба дасти ин милиса равон накун, нимашро ба кисааш зад!

## СУРЪАТ

Корманди БДА ронандаеро барои мошинро бо суръати баланд ронданаш манъ карда, мегӯяд:

- Дар ин ҷо суръати аз ҳама зиёд 40 км/соат аст, шумо бошед, аз рӯи 80 км/соат мошинро меронед. Ба кучо ин қадар шитоб доред?

Рононда мегӯяд:

- Ман барои шумо 100 сомонӣ меовардам...

## ОМӮЗГОР

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Чаро ту маро бо рӯзи омӯзгор табрик накардӣ?

Рафиқаш ҳайрон шуда:

- О ту омӯзгор нестӣ ку!

Мард мегӯяд:

- Арақ нӯшиданро аз кӣ омӯхтӣ?

## ОФАРИДГОР

Зан ба шавҳар:

- Мардакҷон, ман ҳар як тори сафеди мӯятонро дӯст медорам.

Мард дар ҷавоб:

- Албатта, ҳар офаридгор аз маҳсули дасти худ шод мегардад!

## ДОМОД

Пиразане ба набераш мегӯяд:

- Бачем, дар замонҳои мо макияж набуд, “салон” набуд, ботекс ҳам набуд!

Набера дар ҷавоб:

- Албатта бибиҷон, дар замонҳои шумо занҳо чунон безеб буданд, ки домод ҳам домод буду келин ҳам домод буд!

## НАВ

Зану шавҳари ҷавон фарзанддор мешаванд. Кӯдак шаби дароз ғаш карда, лаҳзае ором намегирад. Ҷавонзан бо садои гиряолуд:

- Ягон ҷояш дард мекунад...

Шавҳар дар ҷавоб:

- Кучояш дард мекунад? Охир, ҳама ҷояш нав аст ку!

## ЗАБОНИ ДИГАР

Писарчаи 5-сола ба гапзаниҳои додарчаи 2-солааш диққат дода, мегӯяд:

- Оча, ҳамин додарам дар беморхона иваз нашуда бошад?

Модар мепурсад:

- Барои чӣ?

Писарча дар ҷавоб:

-Ба фикрам тоҷик нест, ба кадом як забони дигар гап мезанад.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

